РАШИД РАҲИМОВ. АЗ «ПОМИР» ТО АВРУПО с. 7

БЛОГЕРОН 4 МЛН СОМОНӢ АНДОЗ СУПУРДААНД с. 12

ПИЗИШКИЁН: ИСТЕЪФО НАМЕДИҲАМ! с. 4



# ТОҶИКИСТОН

№ 31 (1695), 5.08.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992

# СӮЗИШВОРӢ АЗ ЧИН

## Тоҷикистон роҳҳои нав меҷӯяд



ДАР ИН ШУМОРА:

**ПЕШНИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТ**
Бунёди корхонаҳои бузурги коркарди нафт дар ОМ с.3

**20 ҲАЗОР ДОЛЛАР**
Шарти нав барои сафар ба Амрико с.4

**ЛИБОСИ МАКТАБӢ**
Кӣ чӣ мегӯяд? с.5

**ФАРХОР**
15 миллион доллар сармоягузорӣ с.2

**ВАЛЕРИЙ ТУРСУНОВ**
Даргузашти ситораи футболи тоҷик с.15

**КОР ДАР БРИТАНИЯ**
Шумораи муҳоҷирон зиёд карда мешавад с.5

**ВАРЗИШ**
Пирӯзии «Регар-ТадАз» бар «Истиқлол» с.15

**КАНЗИ ШИФО**
Дар тобистон чӣ қадар об бояд нӯшид? с.13

PRESSA.TJ
БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,**
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,**
раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,**
муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,**
Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,**
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

Сабзалӣ Ҷаъфарзода:

# НАҚШАИ ҚАБУЛИ БАРЗИЁД ИҶРО ШУД

**Соли 2026 нақшаи қабул ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва миёнаи касбӣ 74 ҳазору 510 ҷойро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2025-ум 10 ҳазору 154 ҷой ё 15,78 дарсад зиёд аст.**

Ба иттилои Сабзалӣ Ҷаъфарзода, директори Маркази миллии тестии назди Президенти Тоҷикистон, барои коллеҷҳо дар заминаи синфи 9-ум низ нақша 4719 ҷой ё 26,64 дарсад афзуд. Ба иттилои директори марказ, дар давраи якум, ки аз 2-юми март то 30-юми апрел идома ёфт, 116 ҳазору 568 довталаби дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба қайд гирифта шудаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2025-ум 28 ҳазору 802 нафар ё 32,82 дарсад зиёд буда, 107,98 дарсади нақшаи қабулро ташкил дод. Дар заминаи синфи 9-ум 22 ҳазору 605 довталаб номнавис шуда, нисбат ба соли гузашта 2908 нафар ё 14,76 дарсад зиёд аст. Дар даври дуюми бақайдгирӣ аз 10 то 30-юми июн дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Панҷакент, Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияҳои Данғара ва Рашт 7755 довталаб дар заминаи синфи 11 ба қайд гирифта шудаанд. Аз ҳама бештар гурӯҳҳои ихтисосҳои 3-юм - филология, педагогика ва санъат ва 5-ум - тиб, биология ва варзиш интихоб гардидаанд. Дар заминаи синфи 9-ум 2526 довталаб номнавис шудаанд, ки 1610 нафари онҳо гурӯҳи ихтисосҳои 5-умро интихоб кардаанд. Дар заминаи синфи 11-ум 124 ҳазору 323 довталаб ба қайд гирифта шудаанд, ки 31 ҳазору 335 нафар бештар аз соли 2025 мебошанд. Ин шумора 115,16 дарсади нақшаи қабулро ташкил медиҳад. Дар заминаи синфи 9-ум шумораи умумӣ 25 ҳазору 131 нафарро ташкил дода, нисбат ба соли 2025-ум 3348 нафар афзудааст.

Зикр гардид, ки аз 11 то 13-уми август тақсимоти такрорӣ барои довталабони нокомгашта дар нуқтаҳои Маркази миллии тестӣ доир мегардад.



*Сабзалӣ Ҷаъфарзода, директори Маркази миллии тестии назди Президенти ҶТ*

# МУСОДИРАИ 176 КИЛО ГӮШТИ БЕДОНА

**Дар шаҳри Душанбе 176 кило гӯшти бедона бинобар пастсифат будан мусодира гардидааст. Дар таркиби маҳсулот бактерияҳои бемориовар мавҷуд будаанд.**

Ин миқдор гӯштро кормандони Хадамоти гумрук аз бордони як мошин пайдо ва мусодира кардаанд. Ба иттилои Хадамоти гумрук, маҳсулоти гӯштӣ ба Фирдавс Поччоев, сокини 32-солаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров тааллуқ дошта, вай онро “бо мақсади ба ихтиёри шахси дигар гузоштан аз шаҳри Хуҷанд ба шаҳри Душанбе интиқол додааст”. Тибқи хулосаи бахши назорати бойторӣ ва фитосанитарӣ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, дар таркиби маҳсулоти мазкур бактерияҳои бемориовар, аз ҷумла стафилококки тилоранг ошкор гардида, муомилот ва фурӯши он манъ мебошад. Прокуратураи шаҳри Душанбе нисбати Фирдавс Поччоев барои истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқоли маҳсулоте, ки ба талаботи бехатарӣ ҷавобгӯ нестанд, парвандаи ҷиноятӣ боз кардааст. Дар ҳамин ҳол, Агентии “Тоҷикстандарт” иттилоъ медиҳад, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 1 млн 164 ҳазор кило маҳсулоти бесифат, аз ҷумла 3 ҳазору 590 кило гӯшти бесифатро ошкор ва мусодира кардааст.

# 15 МИЛЛИОН ДОЛЛАР САРМОЯГУЗОРӢ БА ФАРХОР

**Дар ноҳияи Фархор ҳоло беш аз 8700 субъекти хоҷагидор фаъолият доранд. Дар ин бора раиси ноҳия Зариф Назирӣ зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Ба гуфтаи ӯ, аз ин шумора қариб 900 нафар шахсони ҳуқуқӣ, 368 соҳибкори инфиродӣ ва 6219 хоҷагии деҳқонӣ ба фаъолияти соҳибкорию истеҳсолӣ машғуланд. Ҳамчунин, дар ноҳия 9 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 15 миллион доллар амалӣ мешавад. Дар нимсолаи аввал бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ барои соҳибкорон ба маблағи 83 миллион сомонӣ қарзҳои хурд ҷудо кардаанд.

PRESSA .TJ
БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

## САРИ САБЗ



**Шоҳрух КАРИМӢ,**
**роҳбари як муассисаи рушди соҳибкорӣ**

**- Як иштирокчӣ пешниҳод кард, ки истеҳсоли оилавии қурут васеъ карда шавад... Ӯ хоҳиш кард, ки барои харидани дастгоҳе, ки дар он маҳсулот шакл гирифта, хушк карда мешавад, кумак расонем. Сипас қурутро метавон тунук карда, бастабандиву тамғагузорӣ намуд ва ном гузошт.**

*- Тасмими хуб, ҳадди ақал барои пешбурди зиндагии як оила кумак мешавад. Вале агар кумакрасониҳо дар самти дастрас намудани дастгоҳҳо барои корхонаҳои бузургтар сурат мегирифтанд, нуран алонур мешуд.*



**Хосияти ЗАРАФШОНӢ,**
**Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон**

**- Барои умри ҷовидона ёфтани ҳар як суруд матни шеър бояд мазмуни баланд дошта бошад. Ба шунаванда чизе дода тавонад. Дар тамоми ҷаҳон аз ҳама мо шоири зиёд дорем. Ҳам шоирони классик ва ҳам шоирони муосирамон ба адабиётамон ганҷинаи зиёде ворид кардаанд.**

*- Ҳо, ҳақ ба ҷониби шумост. Шеъру шоириямон ҳатто аз ҳадди ифрот гузаштааст. Бисёри сарояндаҳо ҳам худашон “шоир” шудаанд ва албатта, дар сатҳи маърифату ҷаҳонбинии ҳаводоронашон тарона эҷод кардаву месароянд.*



**Фарҳод РАСУЛОВ,**
**тоҷир дар соҳаи хӯроки умумӣ**

**- Вақте даста омад, футболбозон амалан аз дигар таомҳо чизе намехӯрданд. Онҳо маҳз кабоби маро интихоб мекарданд. Ҳамаи сихкабобҳоро хӯрданд... Ман кайҳо боз ҳаводори тими мунтахаби Испания ҳастам, бинобар ин барои ман ин воқеан хеле хушоянд буд.**

*- Дастмузд чӣ хел буд? Хушоянд буд? Агар ҳа, пас, поида-поида, ҳамин хел лаҳзаҳоро пайдо карда истед. Махсусан, футболбозон агар баъди футбол рост назди шумо оянд, сихкабобҳо чӣ, барзаговро ҳам яклухт мехӯранд.*



# ПЕШНИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТ

## Бунёди корхонаҳои бузурги коркарди нафт дар ОМ

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН, ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ПЕШНИҲОД КАРД, КИ “ДАР КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ КОРХОНАҲОИ БУЗУРГИ КОРКАРДИ НАФТ БАРОИ ИСТЕҲСОЛИ МАВОДИ СӮХТ СОХТА ШАВАНД”.**

Дафтари матбуоти Сарвари давлат хабар медиҳад, ки Эмомалӣ Раҳмон ин пешниҳодро “бо назардошти вазъияти имрӯза дар бозори энергетикии минтақа ва ҷаҳон” дар баромади худ дар мулоқоти ғайрирасмии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон ироа кардааст.

Ин мулоқот рӯзи 31-уми июл дар шаҳри Чолпон-Отаи Қирғизистон баргузор шуд.

Ба иттилои расмӣ, Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ “бо таваҷҷуҳ ба шиддат гирифтани танишҳои геополитикӣ, тағйирёбии низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва зуҳури таҳдиду хатарҳои нави амниятӣ давлатҳои минтақаро ба вокуниши муштарак ва муассир нисбат ба ин зуҳуроти манфӣ” даъват кардааст.

Ҳамчунин, президент таъкид кардааст, ки масъалаҳои рушди даҳлезҳои нақлиётӣ ва логистикӣ, энергетикӣ, саноат, рақамикунонӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аз афзалиятҳои муштараки кишварҳои минтақа ба ҳисоб меравper.

# СӮЗИШВОРӢ АЗ ЧИН

## Тоҷикистон роҳҳои нав меҷӯяд



**КАМЁФТ ШУДАНИ СӮЗИШВОРИИ ДИЗЕЛӢ ВА БОЛОРАВИИ НАРХИ БЕНЗИН ДАР МОҲИ ИЮЛ БОИСИ ОН ШУД, КИ ТОҶИКИСТОН МАСИРҲОИ НАВИ ВОРИД КАРДАНИ МАВОДИ СӮХТРО БИҶӮЯД ВА ВОБАСТАГИРО АЗ ЯК ТАЪМИНКУНАНДА КОҲИШ ДИҲАД.**

### ЧИН - МАСИРИ НАВ?

29-уми июл вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа бо сафири Чин дар Душанбе Го Жиҷун масъалаи воридоти маҳсулоти нафтиро баррасӣ кард.

Сухан аз интиқоли бензин ва сӯзишвории дизелӣ меравад. Гуфта мешавад, ки ҳоло ду роҳи асосӣ мавриди омӯзиш қарор доранд: воридоти мустақим аз Чин тавассути гузаргоҳи «Қулма» ва ё интиқоли транзитӣ аз қаламрави кишварҳои сеюм. Воридоти мустақим аз Чин метавонад барои Тоҷикистон манбаи нави таъминот шавад. Аммо масъалаи муҳим арзиши ҳамлу нақл аст. Коршиносон мегӯянд, ки масири кӯҳӣ, зарурати истифодаи нақлиёти махсус ва хароҷоти логистикӣ метавонанд ба нархи ниҳоии сӯзишворӣ таъсир расонанд. Аз ин рӯ, воридоти сӯзишвории чинӣ танҳо дар сурате барои бозори Тоҷикистон аҳамияти воқеӣ пайдо мекунад, ки нархи он рақобатпазир бошад.

### 72,3 ФОИЗИ СӮЗИШВОРӢ АЗ ЯК КИШВАР

Зарурати пайдо кардани таъминкунандагони нав тасодуфӣ нест. Тибқи маълумоти Вазорати энергетика, дар нимсолаи аввали соли 2026 Русия 72,3 дарсади тамоми сӯзишвории воридшуда ба Тоҷикистонро таъмин кардааст.

Дар муқоиса, ба корхонаҳои коркарди нафти дохилии кишвар ҳамагӣ 0,5 дарсад рост меояд. Ин нишон медиҳад, ки ҳар тағйирот дар бозори сӯзишвории Русия метавонад мустақиман ба Тоҷикистон таъсир расонад. Моҳи июл ҳамин вобастагӣ бештар эҳсос шуд. Агар 9-уми июн як литр бензини АИ-92 дар Душанбе 11,3 сомонӣ арзиш дошта бошад, то охири июл нархи он ба 13 сомонӣ расид. Вазъ бо сӯзишвории дизелӣ мураккабтар шуд. Дар баъзе нуқтаҳои фурӯш нархи як литр солярка ба 17-18 сомонӣ расид ва дар аксари нуқтаҳо он умуман пайдо намешуд.

### АЗ ҚАЗОҚИСТОН ТО ИРОҚУ ЭРОН

Чин ягона масире нест, ки Тоҷикистон барои ворид кардани сӯзишворӣ ба суроғи он рафтааст. 29-уми июл зимни мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон ва Қосим-Жомарт Тоқаев дар Остона имкони афзоиши содироти маҳсулоти нафтии Қазоқистон ба Тоҷикистон низ баррасӣ шуд.

Ҳамчунин, масъалаи воридоти 10 ҳазор тонна маводи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ аз Ироқ матраҳ аст. Бо Эрон низ дар мавриди воридоти маҳсулоти нафтӣ ва нафти хом тавофуқ ҳосил шудааст. Аммо вазъи мураккаби Ховари Миёна татбиқи амалии онро ба таъхир гузоштааст.

Ҳамин тавр, Тоҷикистон талош дорад шабакаи васеътари таъминкунандагонро ба вуҷуд орад.

### МУШКИЛИ СӮЗИШВОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар пайи ҳамлаҳои охири Украина ба зерсохтҳои нафтии Русия ва камчинии ин маводи сӯхт дар ин кишвар, Русия, ки таҳвилкунандаи асосии бензин ба Тоҷикистон аст, содироти бензинро то охири соли оянда манъ кард.

Гароншавии бензину солярка танҳо ба соҳиби мошин таъсир намекунад. Барои кишвари аграрӣ афзоиши нархи сӯзишвории дизелӣ маънои зиёд шудани хароҷоти кишоварзӣ, боркашонӣ, сохтмон ва истеҳсолотро дорад. Дар ниҳоят ин хароҷот метавонад ба нархи меваву сабзавот, маҳсулоти саноатӣ ва дигар молҳои ниёзи мардум гузарад. Аз ҳамин ҷиҳат, масъалаи таъмини устувори кишвар бо сӯзишворӣ дигар танҳо масъалаи тиҷорат нест, балки ба амнияти иқтисодӣ низ иртибот мегирад.

**Д. ҚОДИРПУР**

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Давоми 6 моҳи соли 2026 дар вилояти Суғд 20,5 миллиард сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шудааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта суръати афзоиш 111,2 фоиз таъмин гардидааст.**



Дар ин бора раиси вилояти Суғд **Раҷаб Аҳмадзода** иттилоъ дода, афзуд, ки дар ин муддат 1334 корхонаи саноатӣ фаъолият намуда, намуди маҳсулоти истеҳсолшаванда дар корхонаю коргоҳҳои саноатии вилоят ба 266 номгӯй расонида шудааст. Давоми 6 моҳи соли 2026 дар миқёси вилоят 66 корхонаву коргоҳи нав бо 496 ҷойи нави корӣ ба фаъолият шуруъ намудаанд.

**Абдулмаҷид Муминзод, шаҳрдори Бохтар дар нишасти хабарӣ гуфт, ки дар сафари кории Пешвои миллат, ки моҳи сентябри соли гузашта сурат гирифт, ҳафт лоиҳа муаррифӣ гардид.**



“Ду лоиҳа, сохтмони муассисаи таълимӣ барои 2400 хонанда дар маҳаллаи Дӯстӣ ва бинои иловагӣ барои 1400 хонанда дар назди муассисаи таълимии рақами 14 оғоз шудааст. Барои бунёди дигар иншоот, ки лоиҳаҳои онҳо муаррифӣ шуданд, соҳибкорон бо соҳибмулкон шартнома доранд”,- таъкид дошт номбурда.

**Дар шаҳри Кӯлоб пардохти ғайринақдии хизматрасониҳои тиббӣ, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, нерӯи барқ, оби нӯшокӣ ва дигар хизматрасониҳои коммуналӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ин бора раиси шаҳри Кӯлоб Пирзода Диловар хабар дод.**



Ба иттилои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, дар нимсолаи аввали соли 2026 ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии ҳисоботдиҳанда ҳисоботи худро ба таври электронӣ пешниҳод кардаанд. Шумораи терминалҳои электронӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 53 адад ва QR-рамзҳо 338 адад зиёд шудааст.

# 20 ҲАЗОР ДОЛЛАР ГАРАВПУЛӢ

## Шарти нав барои сафар ба Амрико

**АЗ 3-ЮМИ АВГУСТИ СОЛИ РАВОН ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО (ИМА) БАРОИ ШАҲРВАНДОНИ 50 КИШВАР, АЗ ҶУМЛА ТОҶИКИСТОН ҲАНГОМИ ДАРЁФТИ РАВОДИДИ МЕҲМОНӢ ВА САЙЁҲӢ (B-1 ВА B-2) ТО 20 ҲАЗОР ДОЛЛАР ГАРАВПУЛӢ ҶОРӢ КАРД. ЯК СОЛ ПЕШ ИН ТАРТИБ БА ТАВРИ ОЗМОИШӢ РОҲАНДОЗӢ ШУДА БУД, АКНУН ОН ДОИМӢ ШУД. ДАР ИН БОРА ДЕПАРТАМЕНТИ ДАВЛАТИИ ИМА ХАБАР ДОДААСТ.**



Ба иттилои Департаменти давлатии ИМА, ин маблағ ҳамчун кафолати риояи шартҳои будубош дар қаламрави Амрико гирифта мешавад. Агар соҳиби раводид пас аз анҷоми мӯҳлати иҷозатдодашуда кишварро сари вақт тарк кунад, маблағи гарав пурра баргардонида мешавад. Аммо дар сурати нақзи қоидаҳои муҳоҷират ё зиёд будан аз мӯҳлати иҷозатдодашуда маблағ мусодира хоҳад шуд.

Қобили зикр аст, ки ин низом барои шаҳрвандони Тоҷикистон аз 21-уми январи соли 2026 ба таври озмоишӣ амал мекард. Он вақт ҳаҷми гарав аз 5 то 15 ҳазор долларро ташкил медод. Акнун пас аз анҷоми давраи озмоишӣ, тартиб ба низоми доимӣ табдил ёфта, ҳадди ниҳоии гарав то 20 ҳазор доллар боло бурда шудааст.

Мақомоти Амрико ҳадафи чунин тадбирро пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва коҳиш додани ҳолатҳои вайрон кардани мӯҳлати қонунии будубош дар кишвар арзёбӣ мекунанд. Ҳамзамон таъкид мешавад, ки пардохти гарав худ ба худ маънои гирифтани раводидро надорад. Андозаи маблағ дар ҳар ҳолат ба таври инфиродӣ аз ҷониби корманди консулгарӣ муайян карда мешавад.

Ҳамасола садҳо шаҳрванди Тоҷикистон барои таҳсил, сайёҳӣ, меҳмонӣ ва ё пайдо кардани имкониятҳои нави зиндагӣ ба Амрико сафар мекунанд. Ба ҳисоби ғайрирасмӣ, ҳоло тақрибан 10 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон дар ИМА кору зиндагӣ доранд.

Яке аз роҳҳои маъмули муҳоҷират ба Амрико солҳои охир барномаи қуръакашии «Корти сабз» (Green Card) буд. Танҳо соли 2025 аз Тоҷикистон 2982 нафар барандаи ин барнома шуданд. Бо вуҷуди ин, моҳи декабри соли гузашта мақомоти Амрико эълон карданд, ки татбиқи барномаи мазкур муваққатан боздошта шудааст. Ҳанӯз маълум нест, ки қабули дархостҳо дар доираи ин барнома кай аз нав оғоз хоҳад шуд.

# Пизишкиён: ИСТЕЪФО НАМЕДИҲАМ!

**МАСЪУД ПИЗИШКИЁН, РАИСҶУМҲУРИ ЭРОН МЕГӮЯД, ҚАСДИ БА ИСТЕЪФО РАФТАН НАДОРАД ВА ОВОЗАҲОЕРО, КИ ДАР РӮЗҲОИ АХИР ДАР БОРАИ БАРКАНОРИИ Ӯ НАШР ШУД, РАД КАРД.**



Пизишкиён дар навори видеоие, ки шуморе аз хабаргузориҳои Эрон нашр карданд, гуфтааст, ҳар замоне, ки тасмим ба истеъфо бигирад, онро ба таври расмӣ эълон хоҳад кард.

Ӯ ҳамчунин овозаҳоеро, ки гӯё миёни вай ва Оятуллоҳ Муҷтабо Хоманаӣ, раҳбари Эрон ихтилоф ба вуҷуд омадааст, рад кард.

Пизишкиён гуфт, "онҳо мехоҳанд чунин вонамуд кунанд, ки гӯё ихтилофе вуҷуд дорад. Раҳбарӣ чизе мегӯяд ва онҳо иддао мекунанд, ман чизи дигаре мегӯям".

Қарор аст ин видео, ки "Гузориш ба мардум" ном дорад, дар рӯзҳои оянда ба таври пурра нашр шавад.

Ёдовар мешавем, ки вазъ дар Ховари Миёна ҳамоно печида боқӣ мемонад. Ҳамлаҳои низомии Амрико ба Эрон ва баръакс ҳамлаҳои ҷавобии Эрон ба пойгоҳҳои Амрико дар минтақа идома доранд. Таниши низомӣ миёни Арабистони Саудӣ ва Яман низ идома дорад.

# ДАР ҚИРҒИЗИСТОН ДИГАР ҶАСАДҲОРО НАМЕСӮЗОНАНД

**СОДИР ҶАББОРОВ, ПРЕЗИДЕНТИ ҚИРҒИЗИСТОН ҚОНУНЕРО ИМЗО КАРД, КИ БАР АСОСИ ОН СӮЗОНИДАНИ ҶАСАДИ ФАВТИДАГОНРО ДАР ИН КИШВАРИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ТО СОЛИ 2040 МАНЪ МЕКУНАД.**



Ба гузориши расонаҳои маҳаллии Қирғизистон, ташаббускори ҷорӣ намудани ин маҳдудият Девони вазирон аст. Мақомот набудани зербунёди зарурӣ ва сарчашмаи маблағгузориро аз сабабҳои манъи сӯзонидани ҷасадҳо гуфтаанд.

Соли 2024 дар Қирғизистон қонуне қабул шуда буд, ки сӯзонидани ҷасадҳоро дар ин кишвар иҷозат медод. Баъзе аз вакилони парлумон он вақт гуфтанд, чунин иншоот бо маблағи давлат сохта шуда, аз он танҳо касоне истифода мебаранд, ки эътиқоди динашон сӯзонидани ҷасадро иҷозат медиҳад. Дар ҳоли ҳозир дар Осиёи Марказӣ танҳо як нуқтаи сӯзонидани ҷасадҳо ҳаст, ки моҳи апрели имсол дар шаҳри Алмаато ифтитоҳ шуд.

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров боз 17 ихтисоси нав, аз ҷумла дар самтҳои технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, графикаи компютерӣ, филологияи шарқ ва дигар ихтисосҳои афзалиятнок таъсис дода шуд.**



Дар ин хусус ректори донишгоҳ **Мирзотоҳир Набизода** зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ӯ иброз дошт, ки айни замон дар донишгоҳ 978 омӯзгор, аз ҷумла 54 доктори илм ва профессор, 502 номзади илм фаъолият доранд. Дар донишгоҳ зиёда аз 21 ҳазор донишҷӯ таҳсил мекунанд.

**Дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 140 донишҷӯ аз Ӯзбекистон, Қазоқистон, Олмон, Чин ва Русия ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар ин хусус ректори ин донишгоҳ Бобоҷон Саттторзода ба хабарнигорон иттилоъ дод.**



Ӯ гуфт, ки дар нимсолаи якуми соли равон ба донишгоҳ 31 намояндаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ташкилоти хориҷӣ омада, 10 намоянда тибқи барномаи «Профессори даъватӣ» бо донишҷӯён, магистрантон ва омӯзгорон табодули таҷриба намудаанд. Инчунин, дар нишаст иброз гардид, ки дар донишгоҳ барои омӯзиши забони чинӣ машғулият гузаронида шуда, дар он 90 донишҷӯ дар ду баст ба омӯзиши забон ҷалб гардидаанд.

**Дар Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб озмоишгоҳи зеҳни сунъӣ ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ таъсис дода шуда, ҳамаи синфхонаҳои таълимӣ ба шабакаи интернет пайваст ва низоми электронии идоракунии раванди таълим ҷорӣ гардидааст.**



Дар ин хусус ректори донишгоҳ **Шаҳриёр Саъдуллозода** зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ӯ гуфт, ки дар сохтори донишгоҳ литсейҳои инноватсионӣ низ таъсис ёфта, тадбирҳои мазкур ба баланд бардоштани сифати таълим мусоидат мекунанд. Ҳамчунин зикр гардид, ки донишгоҳ бо беш аз 50 муассисаи таҳсилоти олии Русия, 15 донишгоҳи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, 23 донишгоҳи Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, инчунин муассисаҳои таҳсилоти олии Олмон, Шотландия, Сингапур ва ИМА ҳамкории судманд дорад.

# КОР ДАР БРИТАНИЯ

## Шумораи муҳоҷирон зиёд карда мешавад

«ДАР ШАШ МОҲИ АВВАЛИ СОЛИ ҶОРӢ 2198 ШАҲРВАНДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ АНҶОМИ КОРҲОИ МАВСИМИИ КИШОВАРЗӢ БА БРИТАНИЯИ КАБИР САФАР КАРДААНД.



Чанде пеш дар Душанбе вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Солеҳа Холмаҳмадзода бо сафири Британияи Кабир дар Тоҷикистон Кэтрин Смиттон масъалаҳои рушди муҳоҷирати кории муташаккилонаро баррасӣ намуд. Дар мулоқот ҷонибҳо ба ҷалби корфармоёни нави бритонӣ, афзоиши шумораи шаҳрвандони Тоҷикистон барои корҳои мавсимӣ, инчунин таъмини муҳоҷирати бехатар ва қонунӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карданд.

Ба иттилои Вазорати меҳнат, дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои омодасозии муҳоҷирон пеш аз сафар, ҳифзи ҳуқуқи меҳнатии онҳо, пешгирии қаллобӣ ва истисмори меҳнатӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ҳамзамон, татбиқи лоиҳаи муштараки «Мусоидат ба муҳоҷирати бехатар ва танзимшаванда аз Тоҷикистон ба Британияи Кабир» муҳокима шуд. Ин ташаббус аз ҷониби Созмони байналмилалии муҳоҷират бо дастгирии Хазинаи амнияти ҳамаҷонибаи Британияи Кабир амалӣ гардида, Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистонро фаро мегирад.

Дар доираи ин барнома барои хоҳишмандони кор дар Британия омӯзишҳои пеш аз сафар, машваратҳои ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ, инчунин хати доимии машваратӣ барои шаҳрвандоне, ки нияти сафар доранд ё аллакай дар Британия фаъолият мекунанд, роҳандозӣ шудааст.

Шаҳрвандони Тоҷикистон дар Британия асосан дар хоҷагиҳои кишоварзӣ ва гармхонаҳо ба ҷамъоварии ҳосили меваю сабзавот, аз ҷумла қулфинай ва дигар буттамеваҳо машғул мешаванд. Мӯҳлати шартномаи меҳнатӣ шаш моҳ буда, хароҷоти сафар, ки аз 1 то 1,5 ҳазор долларро ташкил медиҳад, аз ҷониби худи довталабон пардохт мешавад. Донистани забони англисӣ дар сатҳи гуфтугӯ низ аз шартҳои асосии иштирок дар барнома мебошад.

Дар баробари афзоиши талабот ба коргарони тоҷик, мақомоти Тоҷикистон ва сафорати Британия шаҳрвандонро хушдор медиҳанд, ки танҳо аз тариқи ширкатҳои расмӣ ва барномаҳои тасдиқшуда барои кор муроҷиат намоянд.

# ЛИБОСИ МАКТАБӢ: КӢ ҶӢ МЕГӮЯД?

«ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ТОҶИКИСТОН: ДАР ХАРИДИ ЛИБОСИ МАКТАБӢ ВОЛИДОН ОЗОДАНД. ДАР ШАҲРУ НОҲИЯҲО: ЛИБОСИ МАКТАБИРО РАФТА ҲАТМАН АЗ ШИРКАТИ … КОРХОНАИ ДӮЗАНДАГИИ … ХАРЕД!




Волидон дигар намедонанд чӣ кор мекунанд. Дар дуроҳаи ҳайронӣ, саргардонӣ мемонанд. Дигар ин ки, чаро гапи вазорати ҳукумат қадр надоштаасту тавре масъулини шаҳр (ноҳия), директор хоҳанд, бояд ҳамин тавр шавад?

Аз вакте ки савдою муомилот сурат гирифт, харидор ҳатман молу колои хушсифату хушнамуд, зебо, дилкашро мекобаду меёбад. Ин ҷо андешаи дигаре ба сарам зад. Шояд роҳбарони ҳамон ширкату корхонаҳои дӯзандагӣ аз бехунарию бесифатии молҳояшон изо кашида, ба назди руасо мераванду илтимосу илтиҷо намуда ва ҳатто дастовезе дода, онҳоро ба худ моил мекунонанд. Масалан ман соҳибкорзанеро медонам, ки аз ким-куҷоҳо либосҳои бесифат, качукилеб, болопоёни хитоиро арзонакак харида ба ноҳия меорад ва онҳоро чун маҳсули сехи дӯзандагиаш муаррифӣ карда, бо мадади чанд нафар мансабдор ду-се баробар қимат мефурӯшад. Оё ҳамин аз рӯи виҷдону адолат аст?

Дигар ин ки, чаро мақомоти коррупсия, Палатаи ҳисоб, «Тоҷикстандарт», прокуратура боре рейду санҷиш гузаронида, фаъолияти пасипардагии ширкат, корхонаҳои истеҳсолкунандаи либоси мактабиро чун қил аз хамир ҷудо намекунанд, то ба ҷону ҳоли мардум зулм накунанд, ба гуфти акаи Аловиддин, суманак нашаванд?

**Нурулло ҲАСАНОВ,**
**рӯзноманигор**

*Хабарҳо аз нишастҳои матбуотии минтақаи Кӯлобро дар ин шумора Нурулло Ҳасанов омода кардааст.*

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Дар шаҳри Хуҷанд давоми нимсолаи аввали 2026 ба маблағи 1,2 млрд сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст. Ин нишондиҳанда дар муқоиса бо ҳамин давраи соли сипаригашта 275,4 млн сомонӣ ё 26,3 фоиз зиёд аст.**



Бино ба иттилои **Фирдавс Шарифзода**, раиси шаҳри Хуҷанд, аз миқдори умумии маҳсулоти истеҳсолгардида ҳаҷми содироти он ба хориҷи кишвар 240 млн сомонӣ буда, он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 112 фоизро ташкил додааст. Ҳамзамон, 125 корхона маҳсулоти воридотивазкунанда ба маблағи 574,7 млн сомонӣ истеҳсол кардаанд, ки ин нишондиҳанда 102,9 млн сомонӣ ё 121,8 фоизро ташкил додааст.

**Деҳқонони ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ҳамасола то 51 номгӯйи маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол мекунанд. Дар нимсолаи аввали соли равон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8% зиёд шудааст. Дар ин бора раиси ноҳия Набизода Фаррухуддин хабар дод.**



Дар ин давра аз ноҳия беш аз 500 тонна маҳсулоти полезӣ, картошка ва сабзавот ба хориҷи кишвар содир шудааст. Бо вуҷуди ин, ҳаҷми воридоти баъзе маҳсулот, аз ҷумла равғани ҳанӯз зиёд боқӣ мемонад. Дар ноҳия барои парвариши зироатҳои пахта, зағир ва маҳсар имконият мавҷуд буда, истифодаи бештари ин зарфият метавонад ба коҳиши вобастагӣ аз воридот мусоидат кунад.

**Корхонаи маъдантозакунии "Адрасмон", ки яке аз корхонаҳои муҳими саноати кӯҳкории вилояти Суғд ба шумор меравад, баъди солҳои тӯлонии таваққуф фаъолиятро аз нав оғоз мекунад. Дар ин бора раиси шаҳри Гулистон Илҳом Пӯлодзода зимни нишасти матбуотӣ оид ба натиҷаҳои нимсолаи аввали соли 2026 хабар дод.**



Ба гуфтаи ӯ, ширкатҳои чинии «Я Син» ва тоҷикистонии «Авесто Гурӯҳ» нақша доранд, ки то 9-уми сентябри соли равон истеҳсолро дар корхона оғоз намоянд. Дар марҳилаи аввал корхона тадриҷан ба фаъолият оғоз карда, баъдан иқтидори истеҳсолӣ афзоиш дода мешавад. Баъди дубора ба кор даромадани корхона тақрибан 600 ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

Порча аз китоби Шариф ҲАМДАМПУР:

# ПРЕЗИДЕНТ: АЗ ХУСДЕҲ ТО СИНГАПУР

**(Идома аз шумораи гузашта)**



# ХУСДЕҲ

## сафаре, ки роҳи ҷангро баст

Аҳмадшоҳи Масъуд чанд лаҳза дар назди дарвоза истод. Ногаҳаш ба девори баланд бархӯрд. Бе ҳеҷ сухан ба яке аз сарбозонаш ишора кард. Сарбоз мошинро ба девор наздик оварда, рӯи он баромад ва аз болои он ба ҳавлӣ ҷаҳид.

Аз дохил садоҳо баланд шуданд. Дарвоза боз гашт. Аҳмадшоҳи Масъуд ба саҳни ҳавлӣ даромад ва аз он ҷо рост дохили хона рафт. Дар миёни хона Абдуллоҳи Нурӣ менишаст. Дар гирдаш қумондонҳо ҳалқа зада буданд. Баробари ворид гаштани Аҳмадшоҳ ҳама аз ҷой бархостанд. Сукут ҳукмфармо гардид. Касе ҷуръати сухан кардан надошт.

Аҳмадшоҳи Масъуд чанд қадами дигар пеш гузошту ба ҳозирон назар андохт. Сипас нигоҳашро ба Абдулло Нурӣ дӯхт.

Дар хона чунон хомӯшӣ ҳукмфармо буд, ки ҳатто нафаскашии нишастагон шунида мешуд.

Ӯ ором пурсид:

– Устод, гуфтанд, ки ба мулоқот меравӣ?

Абдуллоҳи Нурӣ бидуни дудилагӣ ҷавоб дод:

– Бале, меравам.

Аҳмадшоҳи Масъуд лаҳзае сукут варзид ва пурсид:

– Пас чаро ҳоло ҳам ин ҷо ҳастӣ?

Абдуллоҳи Нурӣ нигоҳашро аз Аҳмадшоҳи Масъуд канда, ба қумондонҳои гирди худ нигарист ва бо овози паст гуфт:

– Инҳо иҷозат намедиҳанд.

Аҳмадшоҳи Масъуд рӯй ба қумондонҳо гардонд ва якяк ба чеҳраи онҳо нигарист. Касе ба сухан гуфтан ҷуръат наменамуд. Ҳар кадом силоҳ дар паҳлу дошт. Аммо сукут дар ин лаҳза вазнинтар аз ҳар силоҳ буд.

Аҳмадшоҳи Масъуд сарлашкаре буд, ки ҳар суханаш маънӣ дошт. Ӯ боз пурсид:

– Медонӣ, имрӯз дар ин ҷо кӣ туро мунтазир аст?

Касе ҷавоб надод.

Ӯ идома бахшид:

– Ҷаноби Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Боз сукут.

– Ӯ аз Душанбе ба ин ҷо омадааст. Аз миёни кӯҳҳое гузаштааст, ки ҳар лаҳза метавонистанд ба майдони ҷанг табдил ёбанд. Ӯ ба ту бовар кард. Ба суханони ту бовар кард. Ба кафолати ман бовар кард.

Аҳмадшоҳи Масъуд лаҳзае хомӯш монд. Сипас бо ҳамон оромӣ гуфт:

– Устод, Эмомалӣ Раҳмон ба ваъдааш вафо намуд. Ӯ омад. Акнун навбати мост, ки ба ваъдаи худ вафо кунем. Агар имрӯз ин мулоқот баргузор нашавад, мағлуб танҳо як нафар нахоҳад буд. Мағлуб эътимод мешавад. Ва эътимод агар як бор шиканад, дубора барқарор карданаш аз бунёди як давлат ҳам душвортар аст.

Дар хона сукути вазнине ҳукмфармо шуд. Ҳама беҳаракат менишастанд. Ногоҳ аз Аҳмадшоҳи Масъуд ба Абдулло Нурӣ ва аз ӯ ба қумондонҳо мегузаштанд. Ҳеҷ кас сухан намегуфт. Ҳар кас интизори ҳамон як ҷумлае буд, ки метавонист самти воқеаҳоро дигар кунад.

Аҳмадшоҳ Масъуд нигоҳашро аз қумондонҳо наканда, суханашро давом дод:

– Ман солҳои зиёд дар оташи ҷанг будам. Ҷанг ғолиб надорад. Ҳар касе, ки худро ғолиб мепиндорад, рӯзе назди қабри фарзандаш қарор мегирад ва мефаҳмад, ки мағлуб шудааст.

Баъд рӯ ба Абдуллоҳи Нурӣ овард:

– Устод, туро мунтазиранд. Танҳо Президенти Тоҷикистон не. Модароне, ки фарзандонашонро мунтазиранд. Кӯдаконе, ки чашм дар роҳи волидонанд. Агар имрӯз ту наравӣ, онҳоро боз ҷанг пешвоз мегирад.

Абдуллоҳи Нурӣ оҳиста аз ҷой хест. Ба қумондонҳояш нигоҳ карда, ором гуфт:

– Меравем.

Касе дигар монеъ нашуд. Гӯё дар он лаҳза на танҳо дарвозаи қароргоҳ, балки даре, ки моҳҳо миёни ҷанг ва сулҳ баста буд, низ оҳиста боз гардид.

### ИНТИХОБ: СУХАН Ё СИЛОҲ

Ташрифи Аҳмадшоҳи Масъуд ба қароргоҳи Абдуллоҳи Нурӣ фазои маҷлисро ранги дигар дод. Агар то чанд дақиқа пеш дар чеҳраҳо аломати эҳтиёт ва интизорӣ мушоҳида мешуд, акнун ҳама медиданд, ки лаҳзаи ҳалкунанда фаро расидааст.

Дар толор намояндагони ҳайатҳои ҳар ду ҷониб ҷамъ омада буданд. Касе оромона ҳуҷҷатҳоро варақ мезад, дигаре бо ҳамсафари худ сухбат дошт, аммо дар чеҳраҳо бештар ифодаи нигаронӣ хонда мешуд.

Намояндагони ҳукумат аз ҳифзи давлат, тамомияти арзӣ ва барқарор намудани сулҳу субот ҳимоят мекарданд. Намояндагони мухолифин бошанд, мехостанд дар низоми сиёсии ояндаи кишвар барои худ ва ҷонибдоронашон ҷойгоҳи қонунӣ ва кафолати иштирок дар ҳаёти сиёсиро ба даст оранд.

Мавкеъҳо гуногун, ҷанг миёни онҳо девори беэътимодӣ бунёд карда буд. Бо вуҷуди ин, ҳар ду ҷониб ба ҳақиқате расиданд, ки идомаи ҷанг дигар пирӯзӣ насиб намегардонад. Он танҳо талафот ва харобии бештар ба бор меорад.

Маҳз ҳамин дарки воқеият онҳоро дар Хусдеҳ рӯ ба рӯи ҳам қарор дода буд.

Ҳеҷ кас намедонист, ки ин музокирот бо чӣ анҷом хоҳад ёфт. Аммо ҳама як чизро хуб эҳсос мекарданд: агар имрӯз сухан роҳи худро наёбад, фардо боз силоҳ ба сухан меояд.

Президент вориди толор шуд.

Дар паҳлуи ӯ Абдуллоҳи Нурӣ, намояндаи махсуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон Герд Дитрих Меррем, Раиси Ҷумҳури Давлати Исломии Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ қарор доштанд. Ҳузури онҳо ба ин мулоқот на танҳо аҳаммияти миллӣ, балки оҳанги байналмилалӣ мебахшид.

Маҷлис бо суханони кӯтоҳи истиқболӣ оғоз ёфт. Аммо ҳама медонистанд, ки суханони асосӣ дар ин толор садо намедиҳанд.

Як чизи дигар низ возеҳ буд, ки имрӯз миёнаравон, намояндагони Созмони Милали Муттаҳид ва меҳмонони хориҷӣ сарнавишти ин музокиротро муайян намекунанд. Акнун ҳама чиз вобаста ба иродаи худи тоҷикон аст.

Президент ва Абдуллоҳи Нурӣ аз дигарон каме канортар нишаста буданд. Онҳо ором сухан мегуфтанд. Баъзан Президент ҳарф мезад ва Абдуллоҳи Нурӣ бодиққат гӯш медод. Баъзан баръакс. Лаҳзаҳое ҳам пеш меомаданд, ки ҳар ду хомӯш мемонданд. Ин хомӯшӣ аз баҳс пурмаънотар буд. Ҳар кадом сухани шунидаро дар тарозуи андеша бармекашиданд.

Ҳозирон аз дур ба онҳо менигаристанд. Ҳеҷ кас ба суҳбатошон халал намерасонд. Ҳама эҳсос мекарданд, ки дар он чанд қадам дуртар аз мизи умумӣ, тақдири музокирот на дар баҳси ҳайатҳо, балки дар гуфтугӯи ду нафар ҳал мешавад. Ба назар мерасид, ки вазни суҳбати онҳо аз тамоми суханоне, ки дар толор садо медоданд, бештар буд. Дар пушти ҳар калимае, ки онҳо мегуфтанд, сарнавишти инсонҳо меистод: гурезае, ки интизори бозгашт буд; волидоне, ки фарзандонашонро интизорӣ мекашиданд; кӯдаконе, ки орзуи иваз шудани овози тирро ба садои зангилаи мактаб доштанд.

Суҳбати ороми ду нафар дар гӯшаи толор танҳо гуфтугӯи сиёсӣ набуд. Он муборизаи ду ирода буд, ки мекӯшид роҳи начоти як Ватанро пайдо кунад. Ва ҳар боре, ки яке аз онҳо бо нишони ризоият сар меҷунбонд, гӯё Тоҷикистон як қадам аз ҷанг дуртар ва ба сулҳ наздиктар мешуд.

Ҳайатҳо метавонистанд матн пешниҳод кунанд, коршиносон қарорҳоро таҳия намоянд, миёнаравон роҳи созишро нишон диҳанд, аммо қабул ё рад кардани онҳо танҳо ба иродаи ҳамин ду нафар вобаста буд.

Президент аз ҷой бархост. Абдуллоҳи Нурӣ низ. Онҳо ба гӯшае рафтанд ва аз он ҷо ворида утоқи музокироти як ба як гаштанд.

Дар аз пасашон баста шуд.

### ПУШТИ ДАРИ БАСТА

Сукут фазои толорро фаро гирифт. Ҳама медонистанд, ки акнун муҳимтарин гуфтугӯи он рӯз оғоз ёфт. Онҳо бесаброна натиҷаи ин музокиротро мунтазир буданд.

Тақрибан баъди ним соат дар боз шуд. Президент ва Абдуллоҳи Нурӣ берун омаданд. Абдуллоҳи Нурӣ Давлат Усмонро бо ишора ба канор хонд. Ҳар ду каме дуртар рафтанд. Вай муҳобираро гирифт, бо касе суҳбат кард. Баъд муддате хомӯш монд. Гӯё аз он тарафи мавҷҳо касе чизеро шарҳ медод. Ӯ бодиққат гӯш мекард.

Президент аз дур ин манзараро мушоҳида менамуд. Дар чеҳраи Абдуллоҳи Нурӣ ҳанӯз ҳамон мавкее хонда мешуд, ки чанд дақиқа пеш, дар суҳбати рӯ ба рӯ миёни онҳо ҷой дошт. Ӯ беихтиёр нафаси амиқ кашид: « Боз ҳамон ҳолат...» .

**(Давом дорад)**


*Рашид Раҳимов*

## ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚИ РУСИЯ

*Чеҳраҳое, ки миёни кишварҳо пул месозанд*

# АЗ «ПОМИР» ТО ФУТБОЛИ БУЗУРГИ АВРУПО

### Ӯ дар майдон бо иродаи қавӣ ва дар зиндагӣ бо ҷавонмардӣ эътибор пайдо кардааст

**РАШИД РАҲИМОВ ЯКЕ АЗ МАЪРУФТАРИН ЧЕҲРАҲОИ ВАРЗИШИ ТОҶИК ДАР ПАҲНОИ СОБИҚ ИТТИҲОДИ ШУРАВӢ ВА АВРУПО МЕБОШАД. Ӯ ҲАМЧУН ФУТБОЛБОЗ ДАР ДАСТАҲОИ ТОҶИКИСТОН, РУСИЯ, ИСПАНИЯ ВА АВСТРИЯ ҲУНАРНАМОӢ КАРДА, БАЪДАН ДАР МАҚОМИ САРМУРАББӢ ЧАНДИН БОШГОҲИ МАЪРУФИ РУСИЯРО РОҲБАРӢ НАМУД. РАҲИМОВ АЗ КАМТАРИН ФУТБОЛБОЗОНЕСТ, КИ ҲАМ ДАР ҲАЙАТИ ТИМИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲАМ МУНТАХАБИ РУСИЯ БА МАЙДОН БАРОМАДААСТ.**



#### БО ЧӢ МАЪРУФ АСТ?

Рашид Маматқулович Раҳимов 18-уми марти соли 1965 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Ӯ тарбиятдидаи мактаби футболи «Захираҳои меҳнатӣ»-и пойтахт буда, нахустин мураббиаш Сергей Насиров буд.

Раҳимов ҳанӯз дар овони наврасӣ ба дастаи ҷавонони «Помир» роҳ ёфт. Соли 1982, дар синни 17-солагӣ ба ҳайати асосии машҳуртарин дастаи футболи Тоҷикистон шомил шуд. Дар баъзе сарчашмаҳо оғози фаъолияти ӯ дар ҳайати «Помир» ба синни 16-солагӣ нисбат дода мешавад, аммо маълумоти расмии оморӣ ҳузурашро дар дастаи асосӣ аз соли 1982 нишон медиҳад.

Он солҳо роҳ ёфтани як наврас ба ҳайати «Помир» кори осон набуд. Даста аз футболбозони пуртаҷриба иборат буд ва ҳар кас барои ҷойи худ мубориза мебурд. Вале Раҳимови ҷавон бо омодагии ҷисмонӣ, иродаи қавӣ, ҷасорат ва муборизаи беамонаш тавонист ҷойгоҳи худро пайдо кунад. Ӯ дар ҳайати «Помир» аз соли 1982 то соли 1991 ҳунарнамоӣ карда, дар мусобиқаҳои қаҳрамонии Иттиҳоди Шуравӣ 277 бозӣ анҷом дод ва 24 гол зад.

#### «ПОМИР» - ДАСТАЕ, КИ ТОҶИКИСТОНРО МУАРРИФӢ МЕКАРД

Барои мардуми Тоҷикистон «Помир» танҳо як дастаи футбол набуд. Он мояи ифтихори миллӣ ва рамзи ҳузури тоҷикон дар варзиши бузурги Иттиҳоди Шуравӣ ба шумор мерафт.

Соли 1988 «Помир» ғолиби Лигаи якуми чемпионати СССР гардид ва ба Лигаи олӣ роҳ ёфт. Рашид Раҳимов яке аз бозигарони калидии он даста буд. Худи ҳамон сол ба ӯ унвони Устоди варзиши СССР дода шуд.

Раҳимов метавонист ҳам дар хати ҳимоя ва ҳам дар нимҳимоя бозӣ кунад. Ӯ аз ҷиҳати ҷисмонӣ нерӯманд, дар муборизаҳои як ба як устувор ва дар гирифтани тӯб сахтгир буд. Дар баробари ин, майдонро хуб медид ва дар лаҳзаҳои душвор метавонист ҳамдастагонашро аз паси худ бубарад. Соли 1991 номи ӯ ба рӯйхати 33 футболбози беҳтарини чемпионати СССР ворид карда шуд. Ин дастовард собит мекард, ки Раҳимов аллакай аз доираи футболи Тоҷикистон берун рафта, ба яке аз бозигарони эътирофшудаи Иттиҳоди Шуравӣ табдил ёфтааст.

#### ДАЪВАТ БА «СПАРТАК»

Пас аз ҳунарнамоии муваффақ дар «Помир» Рашид Раҳимов ба бошгоҳи машҳури «Спартак»-и Маскав даъват гардид.

Гузариш аз Душанбе ба яке аз пуркудраттарин дастаҳои футболи шуравӣ ва баъдан Русия дар зиндагии ӯ марҳалаи нав боз кард. Дар «Спартак» рақобат ниҳоят шадид буд. Барои ба ҳайати асосӣ роҳ ёфтан футболбоз бояд ҳар рӯз бартарии худро исбот мекард. Раҳимов дар ҳайати «Спартак» соҳиби Ҷоми СССР дар мавсими солҳои 1991-1992 ва ду маротиба - солҳои 1992 ва 1994 қаҳрамони Русия гардид.

Соли 1994 ӯ ба рӯйхати 33 футболбози беҳтарини чемпионати Русия ворид шуда, дар мавкеи худ ҷойи дуюмро гирифт.

#### ТАҶРИБА ДАР ИСПАНИЯ

Соли 1992 Рашид Раҳимов ба бошгоҳи испании «Реал Валядолид» гузашт. Дар он давра барои футболбози зодаи Тоҷикистон бозӣ кардан дар Испания дастоварди нодир буд.

Дар «Реал Валядолид» ӯ дар мавқеъҳои гуногун - ҳимоятгари марказӣ, нимҳимоятгари такягоҳӣ ва ҳатто наздик ба хати ҳамла ба майдон мебаромад. Дар як мавсим барои ин даста 29 бозӣ анҷом дода, 2 гол зад.

Ҳарчанд дар тӯли мавсим дар бошгоҳ се мураббӣ иваз шуд, Раҳимов тавонист ба талаботи ҳар кадоми онҳо мутобиқ гардад. «Реал Валядолид» дар анҷоми мавсим ба Ла Лига - зинаи олии футболи Испания роҳ ёфт.

Ин таҷриба нишон дод, ки футболбози мактаби «Помир» метавонад дар муҳити комилан дигар, дар футболи техникӣ ва босуръати Аврупо низ мавкеи худро пайдо кунад.

#### АЗ «ЛОКОМОТИВ» ТО АВСТРИЯ

Пас аз Испания Раҳимов ба Русия баргашта, дар ҳайати «Локомотив»-и Маскав ҳунарнамоӣ кард. Аммо осеби вазнини пой ба фаъолияти ӯ таъсир расонд. Баъдан дубора ба «Спартак» пайваст ва барои даста дар мусобиқаҳои дохилӣ ва аврупоӣ бозӣ кард.

Соли 1995 фаъолияти ӯ дар Австрия оғоз ёфт. Рашид Раҳимов панҷ сол дар бошгоҳи маъруфи «Аустрия»-и Вена ҳунарнамоӣ карда, дар 120 бозӣ 12 гол зад. Сипас дар дастаҳои «Адмира Ваккер» ва «Рид» бозӣ намуд.

Ӯ фаъолияти футболбозии худро соли 2002 дар Австрия ба анҷом расонд. Дар маҷмӯъ, дар сатҳи бошгоҳӣ беш аз 500 бозӣ анҷом дод.

Раҳимов аз зумраи аввалин футболбозони тоҷик буд, ки на танҳо ба футболи Аврупо роҳ ёфт, балки солҳои зиёд дар он ҷо мавкеи худро нигоҳ дошт.

#### БАРОИ ДУ ТИМИ МИЛЛӢ

Дар сарнавишти варзишии Рашид Раҳимов як воқеаи нодир ҷой дорад: ӯ ҳам барои тими миллии Тоҷикистон ва ҳам барои мунтахаби Русия бозӣ кардааст. Солҳои 1992 ва 1996 дар ҳайати тими миллии Тоҷикистон ду воҳӯрӣ анҷом дод. Солҳои 1994-1995 бошад, дар чаҳор бозии расмии мунтахаби Русия ба майдон баромад.

Он замон қоидаҳои байналмилалии футбол нисбат ба тағйир додани тими миллӣ ба шакли имрӯза сахт набуданд. Аз ин рӯ, ҳузури ӯ дар ду мунтахаб қонунӣ буд. Ин саҳифаи фаъолияти Раҳимов рамзи як давраи мураккаби таърихӣ низ ҳаст: давраe, ки Иттиҳоди Шуравӣ аз байн рафт, давлатҳои нав ба вуҷуд омаданд ва сарнавишти варзишгарон миёни чанд кишвар тақсим гардид.

#### АЗ ФУТБОЛБОЗӢ ТО МУРАББИГӢ

Рашид Раҳимов пас аз анҷоми фаъолияти футболбозӣ аз майдон дур нашуд. Соли 2002 фаъолияти мураббигии худро дар Австрия оғоз карда, сармураббии «Адмира Ваккер» таъин гардид.

Баъдан ӯро ба Русия даъват карданд. Раҳимов дар солҳои гуногун бошгоҳҳои зеринро роҳбарӣ кардааст:

- *«Амкар»-и Перм;*
- *«Локомотив»-и Маскав;*
- *«Терек»-и Грозний;*
- *«Ахмат»-и Грозний;*
- *«Уфа»;*
- *«Рубин»-и Қазон.*

Роҳбарӣ кардани «Локомотив» - яке аз бошгоҳҳои маъруфи Русия барои ҳар мураббӣ дастоварди муҳим аст. Аммо марҳалаҳои назаррастари фаъолияти Раҳимов ба «Амкар», «Терек» ва «Рубин» вобастаанд.

Ӯ одатан дастаҳоеро қабул мекард, ки дар вазъияти мушкил қарор доштанд. Аз ҳамин ҷиҳат, дар футболи Русия Раҳимовро ҳамчун мураббии сахтгир, интизомталаб ва тавоно дар роҳ кардани даста аз буҳрон мешиносанд.

#### НАТИҶАИ ТАЪРИХӢ БО «ТЕРЕК»

Рашид Раҳимов солҳои 2013-2017 бошгоҳи «Терек»-и Грозниро роҳбарӣ кард. Даста зери роҳбарии ӯ тадриҷан аз мубориза барои мондан дар Лигаи олӣ ба яке аз рақибони ҷиддии бошгоҳҳои пешсаф табдил ёфт.

Дар мавсими солҳои 2016-2017 «Терек» мақоми панҷуми чемпионати Русияро соҳиб шуд. Ин беҳтарин натиҷаи даста дар таърихи он то ҳамон давра ба ҳисоб мерафт.

Дар ҳамон мавсим шогирдони Раҳимов ду маротиба «Зенит»-и Санкт-Петербургро шикаст доданд. Даста то давраҳои охирин барои роҳ ёфтан ба мусобиқаҳои аврупоӣ мубориза бурд. Ин натиҷа ҷойгоҳи Раҳимовро дар қатори мураббиёни соҳибэътибори футболи Русия устувор кард.

#### БОЗГАШТИ «РУБИН» БА ЛИГАИ ОЛӢ

Моҳи апрели соли 2023 Рашид Раҳимов сармураббии «Рубин»-и Қазон таъин гардид. Дар назди ӯ вазифаи муҳим - баргардонидани даста ба Премйер-лигаи Русия гузошта шуд.

«Рубин» тахти роҳбарии ӯ ғолиби Лигаи якум гардида, ба зинаи олии футболи Русия баргашт. Баъди бозгашт низ даста худро ҳамчун рақиби ҷиддӣ нишон дода, аз бошгоҳҳои пуркудрат хол мегирифт.

Як қатор футболбозони ҷавон ва бозигарони хориҷии «Рубин» дар давраи роҳбарии Раҳимов пешрафт карданд. Ӯ то моҳи январи соли 2026 сармураббии даста буд. Рашид Раҳимов миёни ҳамватанон, аз ҷумла тоҷикони муқими Русия эҳтироми зиёд дорад. Нуфузи ӯ бештар ба обрӯи касбӣ, таҷрибаи байналмилалӣ ва мавкеаш дар футболи Русия такя мекунад. Ӯ шахси нисбатан камгап ва дур аз фаъолияти намоишкоронаи ҷамъиятӣ аст. Бо вуҷуди ин, ба гуфтаи онҳое, ки ӯро мешиносанд, дар сурати муроҷиат тавассути шахсони боэътимод аз расонидани кумак ба ҳамватанон худдорӣ намекунад.

**(Идома дорад)**

**Таҳия, тарҷума ва такмили Шариф Ҳамдампур**

# ИСТИҚЛОЛ- МАҶМААИ МУОСИРИ

**Сию панҷ соли соҳибистиқлолӣ барои Тоҷикистон давраи таҳкими давлатдорӣ, барқарор намудани сулҳу субот, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва бунёди садҳо иншооти ҳаётан муҳим гардид. Дар ин марҳилаи таърихӣ соҳаи тандурустӣ низ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфта, барои ташхису табобати аҳолӣ муассисаҳои нав, марказҳои махсусгардонидашуда ва беморхонаҳои дорои имкониятҳои муосир бунёд шуданд.**



## МАҶМААИ БИСЁРСОҲА БО ИМКОНИЯТҲОИ ФАРОХ

Яке аз дастовардҳои муҳим дар замони соҳибистиқлолӣ бунёд кардан ва ба истифода додани Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» мебошад. Ин маҷмааи бузурги тиббӣ бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардида, 4-уми марти соли 2016 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Имрӯз он ба танҳо яке аз калонтарин муассисаҳои табобатии мамлакат, балки маркази муҳими ташхисӣ, ҷарроҳӣ, илмӣ ва таълимии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Бунёди Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» намунаи равшани сиёсати иҷтимоии давлат аст, ки дар меҳвари он ҳифзи саломатии инсон, беҳтар намудани сифати зиндагии мардум ва дастрас гардонидани хизматрасонии баландихтисоси тиббӣ қарор дорад. Дар шароите, ки қаблан барои анҷом додани баъзе ташхисҳо ё амалиёти мураккаб беморон маҷбур мешуданд ба муассисаҳои гуногун ё ҳатто ба хориҷи кишвар муроҷиат намоянд, имрӯз дар доираи як маҷмаа имконияти ташхис, муолиҷа, ҷарроҳӣ ва барқарорсозии саломатӣ фароҳам оварда шудааст.

Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» мутобиқ ба талаботи тиби муосир ва стандартҳои байналмилалӣ сохта шудааст. Он дорои ташхисгоҳу озмоишгоҳҳои замонавӣ ва 650 кати табобатӣ мебошад. Дар сохтори муассиса бахшҳои хизматрасонии тиббӣ ба калонсолон, ҷарроҳии кӯдакон, бемориҳои соматикии кӯдакон, таваллудхона, шуъбаҳои начот ва муолиҷаи очил, Маркази ёрии таъҷилии тиббӣ, Маркази иттилоотӣ, китобхонаи электронӣ ва дигар воҳидҳои муҳим фаъолият мекунанд.

Бартарии муҳими маҷмаа дар бисёрсоҳа будани он зоҳир мегардад. Бемороне, ки гирифтори ҳолатҳои вазнин ё бемориҳои мураккаб мебошанд, метавонанд дар як муассиса аз машварати ҳамзамони ҷарроҳон, табибони бемориҳои дарунӣ, дилшиносон, асабшиносон, эхёгарон, урологҳо, осебшиносон, мутахассисони ташхис ва дигар соҳаҳо баҳравар гарданд. Ин тартиб вақти беморро сарфа намуда, имкон медиҳад, ки ташхис дақиқтар ва нақшаи табобат бо иштироки гурӯҳи мутахассисон муайян карда шавад.

Имрӯз дар сохторҳои маҷмаа садҳо табиб, зиёда аз ҳазор ҳамшираи тиббӣ, кормандони хурди тиб ва мутахассисони маъмуриву техникӣ фаъолият мекунанд. Дар байни онҳо шумораи ҷавонон низ назаррас буда, ин ҳолат аз ташаккул ёфтани насли нави табибон ва кормандони соҳаи тандурустӣ шаҳодат медиҳад. Иқтидори касбӣ, дониш, таҷриба ва садоқати ҳайати муассиса асоси комёбиҳои он ба ҳисоб меравад.

Ҳамасола то 70 ҳазор нафар барои гирифтани хизматрасонии машваратӣ ва ташхисӣ ба Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» муроҷиат мекунанд. Аз 40 то 45 ҳазор бемор дар шуъбаҳои гуногуни он бистарӣ гардида, муолиҷа мегиранд. Дар як сол аз ҷониби мутахассисони муассиса зиёда аз 10 ҳазор амалиёти ҷарроҳӣ гузаронида мешавад, ки тақрибан 4 ҳазори он бо истифода аз технологияҳои каминвазивӣ анҷом меёбад. Дар таваллудхонаи маҷмаа низ ҳамасола то 10 ҳазор кӯдак ба дунё меоянд. Ин нишондиҳандаҳо аз иқтидори муассиса ва эътимоди мардум ба табибони он дарак медиҳанд.

## ТАҶҲИЗОТИ МУОСИР - АСОСИ ТАШХИСИ ДАҚИҚ

Тиби имрӯзаро бидуни истифодаи таҷҳизоти дақиқу технологияи баланд тасаввур кардан ғайриимкон аст. Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» бо дастгоҳҳои истеҳсоли кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла Амрико, Олмон, Ҷопон, Италия, Чин ва Русия муҷаҳҳаз мебошад. Танҳо дар солҳои 2020-2025 ба муассиса 25 номгӯй таҷҳизоти нави ташхисиву табобатӣ ворид ва насб гардидааст.

Дар Маркази ташхиси маҷмаа томографияи магнитӣ-резонансӣ, томографияи компютерӣ, рентгени рақамӣ, маммография, денситометрия ва навъҳои гуногуни ташхиси лабораторӣ ба роҳ монда шудаанд. Озмоишгоҳи клиникӣ метавонад дар як вақт даҳҳо таҳқиқоти клиникӣ ва биохимиявиро бо дақиқии баланд анҷом диҳад. Ин имконият барои сари вақт муайян кардани бемориҳо, пешгирӣ аз оризаҳо ва интихоби усули самараноки табобат аҳамияти калон дорад.

Тақвияти пойгоҳи моддиву техникӣ ба он мусоидат кардааст, ки шумораи зиёди шаҳрвандон барои ташхис ё муолиҷаи мураккаб дигар эҳтиёҷи рафтан ба хориҷи кишварро надошта бошанд. Имрӯз бисёр хизматрасониҳое, ки қаблан танҳо дар марказҳои пешрафтаи хориҷӣ дастрас буданд, дар дохили мамлакат ва аз ҷониби мутахассисони тоҷик анҷом дода мешаванд.

## ПЕШСАФ ДАР ҶАРРОҲИИ КАМИНВАЗИВӢ

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» рушди ҷарроҳии каминвазивӣ мебошад. Ин навъи ҷарроҳӣ тавассути буриши хурд ё роҳҳои табиии узвҳо анҷом дода шуда, ба кам шудани осеби ҷисмонӣ, дарди баъдиамалиётӣ, талафоти хун ва мӯҳлати бистарӣ гардидан мусоидат мекунад. Ҷарроҳихонаҳои муассиса бо таҷҳизоти эндоскопӣ, аз ҷумла дастгоҳҳои ширкати маъруфи олмонии «Karl Storz» таъмин шудаанд. Дар онҳо амалиёти узвҳои батн, қафаси сина, буғумҳо ва дигар узвҳо бо усулҳои муосир анҷом дода мешаванд.

Натиҷаҳои бадастомада дар шуъбаи ҷарроҳии батн махсусан назаррасанд. Агар солҳои 2016-2017 ҳамагӣ 34 дарсади амалиётҳо бо усули каминвазивӣ анҷом дода мешуданд, соли 2026 ин нишондиҳанда ба 88,6 дарсад расид. Ин афзоиш далели рушди босуръати технологияҳои муосир ва баланд шудани сатҳи касбии мутахассисон мебошад.

Бори аввал дар ҷумҳурӣ дар маҷмаа амалиёти холедохоскопияи антеградӣ барои хориҷ намудани сангҳои маҷрои умумӣ ва роҳҳои талхабарори дохили ҷигар ҷорӣ гардид. Афзалияти чунин амалиёт дар он аст, ки сангҳо бо истифода аз технологияҳои эндоҷарроҳӣ бартараф шуда, бемор дар муҳлати кӯтоҳ барқарор мегардад.

## ҶАРРОҲИИ ДИЛ - УМЕД БАРОИ САДҲО БЕМОР

Дастовардҳои Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» дар соҳаи ҷарроҳии дил низ қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Дар муассиса як қатор амалиёти нодир, ки қаблан дар мамлакат анҷом дода намешуданд, бомуваффақият роҳандозӣ шудаанд. Мутахассисони шуъба дар марказҳои пешрафтаи Ҷопон, Олмон, Эрон ва Русия такмили ихтисос гузашта, бо ҷарроҳони кишварҳои дигар таҷриба иваз намудаанд.

Имрӯз дар маҷмаа шунтгузории дуя ва се шараёни коронарӣ, иваз кардани дариҷаи дил дар якҷоягӣ бо шунтгузорӣ, ислоҳи нуқсонҳои модарзодии дил ва дигар амалиёти мураккаб анҷом дода мешаванд.Дар доираи иқдомҳои иҷтимоӣ ҳамасола садҳо кӯдаки гирифтори нуқсонҳои модарзодии дил аз оилаҳои ниёзманд ба таври ройгон ҷарроҳӣ мешаванд. Ин тадбир на танҳо ҷони кӯдаконро наҷот медиҳад, балки ба волидайни онҳо умеду бовар мебахшад. Он намунаи равшани пайванди сиёсати иҷтимоӣ бо имкониятҳои тиби баландтехнологӣ мебошад.

Дар шуъбаи ҷарроҳии эндоваскулярӣ низ амалиёти мураккаб тавассути таҷҳизоти ангиографӣ анҷом дода мешаванд. Стентгузории рагҳои дил, аорта, шараёнҳои гурда ва мағзи сар, гузоштани электрокардиостимулятор, табобати нуқсонҳои модарзодӣ дар навзодон ва дигар усулҳои инноватсионӣ аз ҷумлаи хизматрасониҳои ин бахш мебошанд.

## ПЕШРАФТ ДАР НЕЙРОҶАРРОҲӢ ВА ДАРУННИГАРӢ

Дар шуъбаи ҷарроҳии асаб усулҳои муосири микроҷарроҳӣ, эндоскопӣ ва эндоваскулярӣ ҷорӣ гардидаанд. Краниопластика бо истифода аз пластинкаҳои титанӣ, хориҷ намудани омосҳои майнаи сар, клипгузории аневризмаҳо, фиксатсияи сутунмуҳра, табобати ҷарроҳии инсултҳои вазнин ва амалиёти чурраи байнимуҳравӣ аз ҷумлаи корҳое мебошанд, ки мутахассисони ин бахш анҷом медиҳанд.

Дар шуъбаи даруннигарӣ низ роҳҳои нави ташхису табобат ба роҳ монда шудаанд. Папиллосфинктеротомия, табобати эндоскопии ахалазияи сурхрӯда, боздоштани хунравиҳои узвҳои ҳозима ва бартараф кардани полипҳои рӯдаи ғафс имкон медиҳанд, ки бисёр бемориҳо бе ҷарроҳии кушода муолиҷа карда шаванд. Ин усулҳо муҳлати бистаришавии беморонро кӯтоҳ намуда, хатари оризаҳоро кам мекунанд.

## МАРКАЗИ НОДИРИ ҶАРРОҲИИ ҚАФАСИ СИНА

Шуъбаи ҷарроҳии қафаси сина ва рагҳои хунгарди калонсолон ба яке аз марказҳои муҳими махсусгардонидашудаи ҷумҳурӣ табдил ёфтааст. Дар ин ҷо амалиёти трахеопластика барои барқарор намудани роҳҳои нафас, тармими сурхрӯда ҳангоми тангшавиҳои баъди сӯхтагии кимиёвӣ ва дигар ҷарроҳиҳои сатҳи баланд иҷро мешаванд.

Мавҷудияти чунин шуъба имкон медиҳад, ки беморон аз тамоми минтақаҳои кишвар барои гирифтани ёрии махсусгардонидашуда ба Душанбе муроҷиат намоянд ва дар дохили Ватан табобат гиранд.

# ТАНДУРУСТӢ ДАР ХИЗМАТИ МАРДУМ




## ТАВАҶҶУҲИ МАХСУС БА КӮДАКОН

Дар Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» ба ҳифзи саломатии кӯдакон аҳамияти махсус дода мешавад.

Бо дастгирии сиёсати давлатӣ оид ба рушди ҷарроҳии дил ва ба туфайли тайёрии касбии мутахассисон, дар маҷмаа як қатор амалиётҳои нодир, ки қаблан дар Ҷумҳурӣ анҷом дода намешуданд, бори аввал бомуваффақият иҷро гардиданд. Мутахассисони шуъбаи ҷарроҳии дил, ки дар марказҳои пешрафтаи тиббии Ҷопон, Олмон, Эрон ва Федератсияи Россия такмили ихтисос гузаштаанд, дар ҳамкорӣ бо ҷарроҳони Ҷумҳурии Мисри Араб ва Ҷумҳурии Корея амалиётҳои нодирро аз худ намуданд.

Ин дастовардҳо ба он мусоидат намуданд, ки беморони вазнини дилу рагҳо имрӯз дар Ватан ва бо сатҳи байналмилалӣ табобат гиранд. Дар доираи сиёсати иҷтимоии давлат ва иқдомҳои инсондӯстонаи Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ, ҳамасола садҳо кӯдакони гирифтори нуқсонҳои модарзодии дил аз оилаҳои ниёзманд ба таври ройгон аз амалиёти мураккаби ҷарроҳии дил баҳравар мегарданд. Ин ташаббус намунаи равшани таваҷҷуҳи пайвастаи давлату Ҳукумат ба ҳифзи саломатии насли наврас ва таъмини адолати иҷтимоӣ дар соҳаи тандурустӣ мебошад. Дар шуъбаҳои ҷарроҳӣ ва урологияи кӯдакон усулҳои нави ташхису табобати нуқсонҳои модарзодӣ, бемориҳои роҳҳои пешоб, сурхрӯда, рӯдаи ғафс ва қафаси сина ҷорӣ шудаанд.

Бартараф намудани рефлюкси везикоуретералӣ, табобати масонаи нейрогенӣ, стентгузории уретер, хориҷ намудани сангҳои гурда ва роҳҳои пешоб, ҷарроҳии нуқсонҳои модарзодии роҳҳои пешоббарор ва амалиёти лазерӣ аз ҷумлаи дастовардҳои шуъбаи урологияи кӯдакон мебошанд. Дар бахши ҷарроҳии навзодон амалиёти мураккаб барои табобати атрезияи модарзодии сурхрӯда ва бемории Ҳиршпрунг ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунин таҷҳизоти ватании ислоҳи деформатсияи қафаси сина тахия шуда, соҳиби патент гардидааст. Ин дастоварди нишон медиҳад, ки маҷмаа на танҳо технологияҳои хориҷиро истифода мебарад, балки барои рушди ихтироъкорӣ ва эҷоди технологияҳои ватанӣ низ саҳм мегузорад.

Дар шуъбаи осебшиносӣ ва раддодӣ амалиёти мусоири артроскопӣ ва эндопротезкунии буғумҳо анҷом дода мешавад. Пластикаи пайвандакҳои салибшакли буғуми зону, реконструксияи артроскопӣ ва иваз намудани пурраи буғуми зону бо протезҳои замонавӣ барои баркарор намудани ҳаракати беморон аҳамияти бузург доранд. Ба шарофати истифодаи технологияҳои камосеб мухлати баркароршавии беморон сечор баробар кӯтоҳ гардида, онҳо метавонанд зудтар ба зиндагии маъмулӣ ва фаъолияти меҳнатӣ баргарданд.





## ИЛМ, ТАЪЛИМ ВА ОМОДАСОЗИИ МУТАХАССИСОН

Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» танҳо муассисаи табобатӣ нест. Он ба маркази муҳими илмиву таълимии мамлакат табдил ёфтааст. Дар муассиса докторону номзадҳои илмҳои тиб, профессор, кормандони шоиста ва дорандагони мукофотҳои давлатӣ фаъолият мекунанд. Ҳузури мутахассисони соҳибунвон барои омӯхтани бемориҳои мураккаб, таҳияи усулҳои нави табобат ва тарбияи кадрҳои ҷавон заминаи мусоид фароҳам меорад.

«Истиқлол» нахустин муассисаи табобатии кишвар мебошад, ки маҷаллаи илмии махсуси худро бо номи «Паёми Истиқлол» таъсис додааст. Дар ин нашрия натиҷаҳои таҳқиқоти олимону табибон, усулҳои инноватсионии табобат ва таҷрибаи пешқадами тиббӣ нашр мешаванд.

Дар даҳ соли фаъолият кормандони муассиса 10 монография, 72 дастури таълимию методӣ, 28 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, 282 фишурдаи илмӣ ва 6 навоварии илмӣ-амалӣ тахия кардаанд. Ҳамчунин 3 рисолаи докторӣ ва 5 рисолаи номзадӣ ҳимоя шудааст. Дар заминаи маҷмаа 21 кафедраи муассисаҳои олии таълимии соҳаи тиб фаъолият мекунанд. Донишҷӯён, табибони ҷавон ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисос дар ин ҷо донишҳои назариявиро бо таҷрибаи амалӣ пайваст менамоянд. Маркази таълимию тамринӣ бошад, барои баланд бардоштани малакаи табибон, ҳамшираҳои тиббӣ ва дигар кормандон хизмат мекунад.



Тайи солҳои фаъолият 120 нафар табиби маҷмаа дар муассисаҳои тиббии Эрон, Ҳиндустон, Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Беларус ва дигар кишварҳо такмили ихтисос гузаштаанд. Баъди бозгашт онҳо дониш ва таҷрибаи андӯхтаи худро дар амал татбиқ намуда, усулҳои нави ҷарроҳӣ ва табобатро роҳандозӣ кардаанд.

## ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ - ҲАМЕША ДАР КАНОРИ МАРДУМ

Имрӯз яке аз афзалиятҳои асосии соҳаи тандурустӣ таъмини сарвақтӣ ва босифати ёрии таъҷилии тиббӣ ба аҳолӣ мебошад. Дар назди Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» Маркази ёрии таъҷилии бо 38 автомашинаи махсусгардонидашуда шабонарӯзӣ фаъолият мекунад. Кормандони он ба сокинони шаҳри Душанбе дар ҳолатҳои садама, бемориҳои шадид, осеб, сактаи дил, инсулт ва дигар вазъиятҳои фаврӣ кумак мерасонанд.

Бояд қайд намуд, ки дар давоми солҳои 2022-2022 бо дастгирии пайвастаи роҳбарияти давлат ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, сарпарасти соҳа - Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ шумораи мошинҳои ёрии таъҷилии тиббӣ аз 25 ба 38 адад расонида шуд. Ҳамзамон аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе таъмини сӯзишворӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ барои таъмири саривақтии нақлиёт бемамониат сурат мегиранд.

Ин имконият медиҳад, ки кумаки аввалияи тиббӣ сари вақт расонида шуда, бемор дар шароити бехатар ба муассисаи табобатӣ интиқол дода шавад. Дар шароити имрӯза расонидани ёрии таъҷилӣ ба аҳолӣ ба таври назаррас беҳтар гардида, сифати хизматрасонии тиббӣ дар пойтахт боло рафтааст.

## «ИСТИҚЛОЛ» - РАМЗИ ҒАМХОРӢ БА ИНСОН

Дар давоми даҳ соли фаъолият Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» ба яке аз рамзҳои созандагии даврони соҳибистиқлолӣ табдил ёфт. Дар ин муассиса садҳо ҳазор шаҳрванд аз ташхису табобат баҳравар гардида, ҳазорон амалиёти мураккабе анҷом дода шуданд, ки замоне танҳо дар хориҷи кишвар имконпазир буданд.

Арзиши асосии ин дастовардҳо танҳо дар шумораи катҳо, дастгоҳҳо ё амалиётҳо ифода намеёбад. Муҳимтар аз ҳама, паси ҳар рақам сарнавишти инсон, шифои бемор, саломатии кӯдак, оромии модар ва умеди як оила қарор дорад. Ҳар амалиёти муваффақ, ҳар ташхиси саривақтӣ ва ҳар кӯдаке, ки солим ба дунё меояд, натиҷаи меҳнати шабонарӯзии табибону ҳамшираҳо ва кормандони муассиса мебошад.

Коллективи Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дастовардҳои шоёни меҳнатӣ, илмӣ ва амалӣ пешвоз мегиранд. Кормандони маҷмаа ният доранд минбаъд низ ҷорӣ намудани технологияҳои тиббӣ ва рақамӣ, рушди ҷарроҳии баландтехнологӣ, такмили ихтисоси мутахассисон, густариши робитаҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониро идома диҳанд.

Маҷмааи тандурустии «Истиқлол» имрӯз далели равшани он аст, ки Истиқлоли давлатӣ барои рушди тиби миллӣ, омода намудани мутахассисони соҳибкасб ва фароҳам овардани шароити арзандаи табобат чӣ гуна имкониятҳои бузург ба вуҷуд овардааст. Ин муассиса бо номи муқаддаси «Истиқлол» минбаъд низ дар роҳи ҳифзи саломатии мардум, рушди илми тиб ва тарбияи мутахассисони ҷавон хизмат хоҳад кард.

**Хуршед РУСТАМЗОДА,
директори Муассисаи давлатии Маҷмааи тандурустии «Истиқлол», номзади илмҳои тиб**

# ҶАВОНОН НЕРӮИ СОЗАНДАВУ ОБОДКОРИ ВАТАН



**Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дастгирии ҳамаҷонибаи ҷавонон иборат мебошад. Дар ин замина ҷавонони лаёқатманд ҳамчун пайравони асили Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа баҳри пешрафти иқтисодиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз содиқона фаъолият мекунанд.**

Ин нерӯи бузурги созанда бо донишу ҷаҳонбинии васеъ метавонад Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари рӯ ба тараққӣ бештар муаррифӣ намояд. Имрӯз пешрафти ҷомеа, рушди соҳаҳои гуногун ва таҳкими иқтисоди миллиро бе иштироки ҷавонон тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Фирдавс Раҳимов аз зумраи ҷавонони болаёқату ватандӯст мебошад. Номбурда фаъолияти кориро дар низоми бонкӣ соли 2007 аз корманди қаторӣ оғоз намуда, тӯли қариб 20 сол малакаи касбиашро зина ба зина такмил дода, имрӯз ба сифати иҷрокунандаи вазифаи Филиали ҶСП "Бонки Имон Интернешнл" дар шаҳри Душанбе фаъолияти босамар дорад.

Ҳамкорони мо бо ин мутахассиси ҷавон доир ба рушди низоми бонкӣ суҳбат анҷом доданд.

**- Тавре аз нишондодҳои оморӣ бармеояд, шумораи муштариёни Филиали ҶСП "Бонки Имон Интернешнл" дар шаҳри Душанбе 4 800 нафарро ташкил медиҳад, ки назар ба ҳамин давраи соли сипаришуда 1000 нафар зиёд мебошад. Омилҳои асосии эътимоди муштариён ба низоми бонкиро дар чӣ мебинед?**

- Низоми бонкӣ дар Тоҷикистон сол аз сол рушд ёфта, вобаста ба талаботи замони муосир дар ин самт аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд.

Мувофиқи маълумоти дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон нашршуда дар қаламрави кишвар ба ҳолати 31-уми марти соли 2026 дар маҷмӯъ 70 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 18 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 27 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 2 адад ташкилоти қарзии хурд ва 22 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд, ки ин худ гувоҳи таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди бонизоми соҳаи мазкур мебошад.

Аз ҷумла, ҶСП "Бонки Имон Интернешнл", ки фаъолияти худро соли 1999 ҳамчун яке аз ташкилотҳои хурди қарзӣ оғоз намуда буд, зина ба зина рушд карда, имрӯз ба як муассисаи молиявии байналмилалии муосир табдил ёфтааст.

Албатта, яке аз дастовардҳои асосии солҳои охир татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва истифодаи босамар аз хизматрасониҳои муосир мебошад, ки дар натиҷаи он шумораи муштариёни филиал рӯ ба афзоиш дорад. Омили дигар ҷалби мутахассисони ҷавону кордон риояи низоми фаъолияти рӯзмарра, муомилаи хуб бо муштариён мебошад.

**- Тавре огаҳӣ дорем, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти №911, аз 8-уми январи соли 2025 Дар бораи "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" эълон намудани солҳои 2025-2030 ба имзо расида, татбиқи он дар мамлакат идома дорад. Амалишавии он дар низоми бонкӣ чӣ гуна сурат мегирад?**

- Фармони мазкур вобаста ба талаботи замони муосир, яъне рушди босуръати технологияи инноватсионӣ хеле саривақтӣ ва муҳим мебошад, ки татбиқи он дар низоми бонкӣ ба манфиати кор аст. Имрӯз ҶСП "Бонки Имон Интернешнл", аз ҷумла филиале, ки мо фаъолият дорем, пурра ба низоми рақамикунонӣ ва хизматрасониҳои онлайнии бонкӣ (IMONLINE) гузаштааст, ки сатҳу сифати хизматрасониро ба мизоҷон чандин маротиба сабук гардонид.

Масалан, тавассути ҳамёнҳои электронӣ истифодаи васеи барномаҳо, аз ҷумла пардохтҳои ғайринақдӣ роҳандозӣ гардид. Ҳамзамон бо истифодаи кортҳои пардохтӣ ва системаҳои электронии маҳаллӣ интиқоли маблағҳо аз кишварҳои хориҷӣ ё дохили кишвар ҳамагӣ дар якчанд сонияи амалӣ карда мешавад. Ин тарзи фаъолият имкон медиҳад, ки мизоҷон дигар шахсан ба бонк ҳозир нашаванд, вақти худро сарфа намоянд, зеро имкон доранд аз хона ё коргоҳашон берун нарафта, тавассути хизматрасонии электронӣ амалиёти бонкӣ анҷом диҳанд.

Дар ин раванд афзалияти дигар ҳамкории самарабахш бо созмонҳои бонуфузи молиявӣ, аз қабили IFC (Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ), дастрасии шабонарӯзӣ ба хизматрасониҳои рақамӣ, кортҳои байналмилалӣ ва барномаҳои маблағгузории "Сабз" (GEFF) махсуб меёбад, ки барои мизоҷон дастрас аст.





Ҳамзамон, ёдрас шудан бамаврид аст, ки "Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040" бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №483, аз 30-юми сентябри соли 2022 қабул гардида, яке аз ҳадафҳои асосии он дастгирии инноватсия ва иқтисоди рақамӣ мебошад. Ҳамаи ин равандҳо имконият фароҳам меоранд, ки рушди низоми бонкии Тоҷикистон дар заминаи таҷрибаи байналмилалӣ таъмин карда шавад.

**- Шумо зимни суҳбат ҷалби мутахассисони касбӣ ва кордонро яке аз омилҳои муҳими пешрафти фаъолият маънидод кардед. Дар коргоҳ ин раванд бо кадом тарз амалӣ карда мешавад?**

- Хушбахтона солҳои охир майлу рағбати аксар ҷавонон ба омӯзиши технологияи рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва дигар навгониҳои технологӣ зиёд шудааст, ки ин на танҳо дар соҳаи бонкдорӣ, балки барои дигар бахшҳои ҳаёти ҷомеа аз манфиат холӣ нест. Бештари ҷавонони имрӯза хушзеҳну забондон ҳастанд, ки барои баланд бардоштани сатҳи касбиашон пайваста дар омӯзишанд, то ҳамқадами замона бошанд.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар вобаста ба ихтисоси низоми бонкӣ мутахассисон омода карда мешаванд. Дар заминаи ҳамкории доимӣ бо ин муассисаҳо мо ҷавонони лаёқатманро ба ҳамкорӣ ё худ таҷрибаомӯзӣ даъват менамоем. Баъдан дар натиҷаи фаъолияти рӯзмарра қобилияти онҳо ба назар гирифта мешавад. Ҳамзамон дар дохили коргоҳ низ Шуъбаи омӯзиш ва мутобиқсозӣ барои сайқал додани малакаи касбии мутахассисони ҷавон пайваста корбарӣ менамояд.

**- Чаро маҳз ҳамин соҳаи фаъолиятро интихоб намудед ва ҳамчун як ҷавони соҳибкасб низоми бонкии кишварро баъди 10 сол чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Ростӣ модарам корманди бонк ҳастанд ва аз даврони кӯдакиву наврасӣ баъзан маро ҳамроҳ мебурданд ба коргоҳашон. Шояд аз ҳамин сабаб аз хурдӣ орзу доштам, ки мисли модарам, ба ибораи маъмул, бонкир мешавам. Соли 2006 Донишгоҳи техникии Тоҷикистонро бо ихтисоси муҳандис-иқтисодчӣ хатм намуда, аз соли 2007 фаъолияти кориамро дар ҶДММ ФҚХ «Имон Интернешнл» ба сифати мутахассиси қарзӣ оғоз намудам. Аз рӯзҳои аввал кор дар бонк бароям шавқовар буд. Баъдан дар вазифаҳои менеҷери минтақавии қарзҳои хурду миёна, директори филиал дар шаҳри Ҳисор, менеҷери минтақавии рушди филиалҳои ҷануб, иҷрокунандаи вазифаи Директори филиали н. Сомонӣ дар ш. Душанбе, директори филиали ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» дар ш. Душанбе фаъолият мекардам.

Аз санаи 01.01.2026 ташкилот Иҷозатномаи фаъолияти бонкӣ гирифт ва ҳамчун иҷрокунандаи вазифаи Директори филиали ҶСП Бонки «Имон Интернешнл» фаъолият дорам.

Баъди 10 сол низоми бонкии Тоҷикистонро ҳамчун яке аз низомҳои пешрафтаи минтақа тасаввур кардан мумкин аст, зеро тӯли ин муддат ба анҷом расидани сохтмони НБО "Роғун" барои пешрафти иқтисоди миллӣ такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Дар ин замина саҳми бонкҳо низ дар рушди иқтисодиёт дар самти маблағгузорӣ ва амалиётҳои ҳисоббаробаркунӣ торафт назаррас мегардад. Боварии комил дорам, ки Тоҷикистонро дар партави сиёсати дурандешонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ояндаи неку дурахшон дар пеш аст.

Чандин сол инҷониб узви Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон мебошам, ки ҳадафи асосии он ваҳдату якдилӣ, таъмини зиндагии шоиста ва Тоҷикистони ободу пешрафта мебошад.

Мо ҷавононро зарур аст, ки бо дарки баланди масъулият ва меҳанпарастиву хештаншиносӣ ҷиҳати пешрафти ҳамаҷонибаи кишвари азизамон дар арсаи байналмилалӣ содиқона заҳмат кашем, илм омӯзем ва ҳамқадами замона бошем.

**Машраби Аловиддин**

# БАРДОШТУ ТААССУРОТ АЗ ЁДДОШТУ ХОТИРОТ



*Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА, президенти АМИТ, академик*

**(Идома аз шумораи гузашта)**

**Ёздаҳум**. Қисми якуми “Ёддоштҳо” бо тартиббандии навгонӣ таҳия гардида, дар охири китоб бахшҳои зарурии “Феҳристи номҳои шахсӣ” (С. 642-644), “Феҳристи номҳои ҷуғрофӣ” (С. 645-646) ва “Нишондиҳандаи мавзуӣ” (С. 647-662) ҷо дода шудаанд, ки аз сатҳи баланди китобнигорӣ ва завқу салиқаи илмию ихтисосии нависанда дарак медиҳанд.

Аз унвони бобу сарлавҳаҳои китоб, ки аз лиҳози бадеию эстетикӣ ҷолибу рангину нишонрасу муассир буда, ҳаводиси доираи васеи хонандаро ба ҳаводиси матлаб ва идомаи ҷолиби он ҷазб месозанд, натиҷа гирифтан мумкин аст, ки муаллиф бо такя ба қудрату неруи бузурги саромадони илмию адабии гузашта, монанди устод Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Закариёи Розӣ, Ибни Сино, Хайём, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Мушфиқӣ, Калими Кошонӣ, Сайидо, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, Абулқосими Лоҳутӣ, Эраҷ Мирзо, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улузода ва дигарон, насли наврасу ҷавони ҷомеи тоҷикро аз ҳаводиси гузаштаву имрӯзӣ огоҳ сохта, онҳоро дар руҳияи ватанпарастӣ ва эътимоду боварӣ ба қудрати миллату давлати миллӣ тарбия мекунад.

Махсусан, таъкид сари мисраъҳои ҷовидонаи Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода ва ба унвони сарлавҳа интихоб кардани такмисраъҳо, усулан ва ҳадафмандона ҷалб намудани таваҷҷуҳи хонанда ба мантиқи онҳо на танҳо эътибори миллии китоби мазкурро боло мебарад, балки ҳофизаи таърихии миллиро тақвият дода, ҳалқаи пайванди гузаштаву имрӯзаву ояндаи миллатро таъмин месозад.

Ба сухани дигар, нависанда ҳадаф гузоштааст, ки аз тариқи баёну тасвиру тавзеҳу тафсири ҳаводиси зиндагӣ раванди худогоҳию хештаншиносӣ, хотираи таърихӣ ва шуури миллиро таҳкиму тақвият бахшад. Роҳро барои ибратомӯзӣ ва арзёбиҳои дурусти илмию мантиқии вокеоти ҳар давру замон ҳамвор созад. Аз ҷониби дигар, шоирона гузоштани сарлавҳаву унвонҳои китоб аз сатҳи тахайюли рангин ва боло будани завқи бадеию эстетикии муаллиф дарак медиҳад.

**Дувоздаҳум**. Дигар вежагии китоб он аст, ки муаллиф барои исботи матлаб ва муассиру хотирмон будани нақлу қиссаҳо аз забони қаҳрамонону персонажҳо мисолу мадорики манзум аз ашъори ҳикматомези классикӣ ва осори файласуфону мактабшиносони маъруфи минтақавию ҷаҳонӣ меоварад. Бахусус, аз Фирдавсӣ, Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ, Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода ва амсоли инҳо намунаҳои зиёде оварда, аз ин тариқ баёноти худро далелноку соҳибэътимоду боварибахш месозад.

**Сездаҳум**. Нависанда дар ҷараёни баёни ҳаводиси замони тифлию наврасию ҷавонӣ, ки маводи қисмати якуми “Ёддоштҳо”-ро ташкил медиҳанд, муваффақияту камбудиҳои давру замонро таъкид сохта, аз ҷумла пешрафту тараққиёти даврони шуравиро, ки бештар ба барномарезиҳои корсозу муназзами мантиқӣ дар самтҳои фарҳангу маънавиёти фардию ҷамъӣ иртибот мегирифт, махсус гӯшзад карда, насли наврасу ҷавонро ба китобхонию донишмандӣ даъват менамояд.

Баъзан, масъала ва манзараҳои даврро дар мисоли сатҳи саводу маърифати ҳисобчиёни деҳқонони одии замонӣ ва тақсими рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ ба муштариёни деҳотӣ ончунон зебо ба риштаи тасвир бармекашад, ки хонандаи дар он давру замон зиндагикарда, ба ҳолати ностальгия ё хумор гирифтор мешавад.

Ин гуна тасвиротро дар бахшҳои “Дида дарё кунаму сабр ба саҳро бизанам” (С. 246-249), “Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст” (С. 249-252), “Дастмояи бузургӣ ақлу адаб аст, на аслу насаб” (С. 252-260) баръало мушоҳида кардан мумкин аст.

Албатта, дар бахшҳои аввалии қисми якуми “Ёддоштҳо” ҳам дар ҳамбастагӣ бо шароити зистию рӯзгордории хонаводаи муаллиф авзои иҷтимоию сиёсию маърифатию мадании замони шуравӣ, ки ба нимаи дуюми солҳои панҷоҳум ва аввали ҳафтодум рост меоянд, баён шудаанд.

**Чордаҳум**. Ростӣ, бо он ки нависанда фаъолият, корбарӣ, муҳокимаронӣ, дараҷаи баланди донишу маърифат ва сифатҳои олии шахсиятҳои қисми зиёде аз зиёиёни ватанию миллии замони шуравӣ, махсусан устодони худро бо муҳаббат, эҳтиромона, эътиқодмандона, боварибахш, бо далелҳо ва сидқан тавсиф мекунад, дар қиёси мантиқӣ ба замони муосир, беҳтарин намунаҳои ибратбахш барои ҷомеаи имрӯз – замони истиқлол – марҳалаи бузург ва пурмасъулияти давлатсозии миллӣ заминагузории пандомӯзро асос мегузорад. Аз таърихи бой ва пурифтихори маорифи тоҷик барои наслҳои имрӯзу оянда таҷрибаи шоистаи пайравӣ пешниҳод менамояд.

Мутаассифона, комёбию муваффақиёти ин низоми сиёсию мафкуравӣ дар назари иддае аз олимону муҳаққиқон ва зиёиёну “равшангарон”-и ватанӣ наменамоянд. Ва ё ин ки онҳо дидаву дониста ба таҳрифи таърих даст мезананд.

Аммо нависандаи китоби “Ёддоштҳо” С. Ятимов замони шуравӣ, дастовардҳою имтиёзҳо ва нуқсону камбудиҳои он низоми сиёсию мафкуравиро бар асоси далелҳои таърихӣ ва мисолҳои пурэътимоди илмии баробарвазн бо воқеияти давр тахассусмандона ба риштаи тасвир бармекашад.

Аз ҷумла, дар мавриди нуфузи мактабу муаллим дар низоми зиндагии давлатию иҷтимоӣ, сохтори мактаби шуравӣ, муҳтавои китобҳои дарсӣ, мақому манзалати муаллим, таваҷҷуҳи мардум ба китобу китобхонӣ, сатҳи саводи ҷамъиятӣ, решадор шудани арзишҳои ахлоқию дунявӣ, пойин будани сатҳи хурофоти динию мазҳабӣ, болоравии фарҳангу ҳунар ва амсоли инҳо, ки дар он замон авлавияти сиёсию мафкуравию иҷтимоию маданӣ доштанд, мулоҳизоти ҷиддӣ ироа мефармояд.

Ин навъ мушаххасотро нависанда дар мавқеи зарурии китоб ва донишмадорӣ мисол мезанад ва шарҳе тафсиру тавзеҳ ҳам мекунад, то ин ки наслҳои наврасу ҷавони имрӯза, ки бар асари таҳоҷуми ошкору ниҳони дастандаркорони нақшаҳои ба ном ҷаҳонишавӣ, олибан ба гирдоби беҳувиятию худбохтагӣ ва бегонапарастию ноҳудогоҳӣ мубтало шудаанд, ба худ оянд. Ватанро дӯст доранд. Ба илму хирад гароянд, хидмат ба халқу миллатро шараф ҳисоб кунанд. Ва ҳамин тавр, ба сарнавишти давлати миллӣ бетафовут набошанд.

**Понздаҳум**. Нависанда дар образофаринии ҳунарӣ дасти тамом дорад.

Масалан, ба тасвири муаллиф дар симои Бобои Аъзам, ки собиқ раиси колхоз будааст, таваҷҷуҳ мекунем: “Саросема ба ақиб нигаристам. Бобои Аъзамро дидам, ки дар як даст таёқи дароз, саллаи нимхӯй, ҷелаки бемиёнбанди аз шамол ба ду тараф алвонҷгашта, дар по калушмахсии бадошт, тамоми авлоди бобои Иброҳро ном гирифта, ӯро аз чор тараф мекобад” (Ҳамон ҷо, саҳ. 148).

Ба тасвири дигар, ки вазъи омӯзишии нависандаи ҳанӯз дар синни томактабӣ қарордоштаро бо ташбеҳоту соири васоили тасвирӣ бозтоб медиҳад, таваҷҷуҳ мекунем, ки аз забони нависанда хеле зебо ва самимона таровидааст: “Дар охири рӯз дар лаби ҷӯйбор. Дар болои қум оҳиста-оҳиста, мисли занҳое, ки дар девори аз дуд сиёҳшудаи алавхонаи мо, ҳар боре ки бар аҳди певоҷӣ шир меоварданду шумораро сабт мекарданд, ман ҳам ин корро сар кардам” (Ҳамон ҷо, саҳ. 143).

Нависанда, баъзан санъати саҷъ, яъне насри қофиядорро дар сатҳи баланди эҷодӣ корбаст мекунад. Ба намунае аз он таваҷҷуҳ менамоем: “бо хавфу умеди авф нишастам” (Ҳамон ҷо, саҳ. 136). Дар бахши “Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст” (С. 249-252), ҳангоми тасвири замони мактабӣ ва муҳити наврасӣ аз дӯсту ҳамсинфаш бо номи Сайфиддин ёдовар шуда, дар тасвири ҳолу аҳволи руҳии ӯ, бахусус, беэътибории духтари деҳотие бо исми Хумор аз аҳволи шефтагии Сайфиддин санъати саҷъро хеле зебо ва баҷо корбаст мекунад: Хумор “Бидуни он ки бошад дар соҳил интизор, барқасдона мешуд дар фирор, мекард Сайфиддини моро дилфигор” (Ҳамон ҷо, саҳ. 251-252).

Дар аввали банди “Эй дил, пас аз ин андуҳи беҳуда маҳӯр” (С. 460-465) санъати саҷъро дар алоқамандӣ бо супоридани имтиҳони давлатӣ аз фанни фалсафа ва ҷойгоҳи баланди тафаккурию тарбиятию зеҳнӣ доштани ин илм гӯшзадкунон, аз насри қофиядор дар сатҳи баланди эҷодӣ кор мегирад, ки омӯзандаву хотирмон ва ҷаззоб аст: “21-уми июни соли 1976, охирин имтиҳони давлатиамонро аз фанни фалсафа, ки калиди кушодани занҷир, раҳнамои айни шабгир, мушкилкушои ҳини таҳрир, бадеияти ҳоли тасвир, фошкунандаи ҳама тазвир, маҷоли саранҷоми тақрир ва муаллифи асли тадбирамон буд, бомуваффақият супоридем” (Ҳамон ҷо, саҳ. 460).

**Шонздаҳум**. Муаллимони донишманду матраҳи деҳотию музофотӣ дар “Ёддоштҳо” ҷойгоҳи калидӣ доранд. Муаллиф аз устодони забардасти музофотӣ, ки дар таълиму тарбияи ӯ дарсӣ ва хонандагон ироа мекардааст), дар банди “Сухан монад аз мо ёдгор” (С. 175-182) шахсияти муаллими забон ва адабиёти тоҷик Амонулло Саидов, дар банди “Сардафтари ояти накуӣ” (С. 182-186) симои муаллимаи забону адабиёти рус Пасечникова Фаина Дмитриевна (зодаи Украина буда, барои таълиму тадриси забони русӣ ба Душанбе ва аз он ҷо ба Фархор фиристода шуда буд), дар банди “Ба дониш бувад ҷону дилро фузун” (С. 221-223), муҳити таълимию тадрисию тарбиятии мактаби миёнаи рақами 4-и деҳаи Аловиддин, дар бахши “Фарде доно ва устоди тавоно (С. 225-231) симои муаллими номдори забону адабиёти мактаби миёнаи рақами чори деҳаи Аловиддин Саид Шарифов (ба назари нависанда, дар сатҳи беҳтарин муаллимони донишгоҳу донишкадаҳо дарс мегузашт)-ро бозкушои мекунад. Дар бахши “Нигаҳ кун ба ҷойе, ки дониш бувад” дар бораи муаллими номдори ноҳия Гадойназар Бегаков сухан ба миён меоварад (С. 292-301).

Дар зимн, ҳангоми баёни матлаб муаллиф доир ба муҳити мактабӣ, ҷойгоҳи мактаб ҳамчун институти калидии иҷтимоӣ, нақши омӯзгор дар низоми зиндагии иҷтимоию маънавии башар, таносуби мактабу давлат, мақоми омӯзгор ба ҳайси чеҳраи мафкурасоз, махсусан дар бахшҳои “Мактаби ман” (С. 156-161), “Муаллими ман” (С.161-175), “Сухан монад аз мо ёдгор” (С.175-182), “Ба дониш бувад ҷону дилро фузун” (С.221-223) нуктаҳои ҷолиб ироа мефармояд.

Нависанда, инчунин, аз муаллимони номдор ва масъулиятшиноси донишгоҳӣ, ки дар тарбияи ахлоқию илмию адабию миллии муаллиф саҳми назаррас доштаанд, ба некӣ ёд менамояд.

**(Давом дорад)**

# ЭҲСОСИ МАСЪУЛИЯТ МАНЗАЛАТРО БОЛО БУРДААСТ

**Ҷойгоҳи роҳ бо назардошти моҳият аз азал барои одамон хоса буда, бо такомули инсоният ин раванд афзунтар гаштааст. Агар ба мазмун ва шеваи корбурди ин калима таваҷҷуҳ зоҳир намоем, аз вожаи роҳ мафҳумҳое сохта мешуданд, ки пурарзишанду бениҳоят муҳим. Роҳи умед, роҳи мурод, роҳи тақдир, роҳи наҷот, роҳи халосӣ ва ғайра аз ҳамон ҷумлаанд.**





Хусусан дар кишвари мо, ки сарзамини кӯҳистон аст, мушкили роҳ солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мушкили асосӣ буд. Бинобар ин, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳли кишварро бо азми қатъӣ ба сохтмону созандагӣ, эҳёи роҳу пулу иншооти инфрасохтори роҳдорӣ, ободониву бунёдкорӣ дар ҳама соҳаҳо, пеш аз ҳама дар соҳаи роҳу наклиёт даъват карда, Ҳукумати кишварро муваззаф намуданд, то ҷиҳати бунёди инфрасохторе, ки Тоҷикистонро аз бунбасти коммуникатсионӣ мебарорад, тадбирҳои зарурӣ андешад. Чун азми Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қавӣ ва ниятошон нек буд, иқдоми мазкур дар сатҳи хубу бо сифати баланд амалӣ гардида, дар ин замина Тоҷикистони чандпорча ба кишвари воҳид табдил ёфт.

Роҳ ҳам мисли одам ба нигоҳубину ғамхорӣ ниёз дорад. Бунёди роҳ як тарафи масъала асту нигоҳ доштани он идомаи мантиқии ин раванд мебошад ва дар сурати амалӣ нагаштани ин кор вайрон гаштани он ногузир аст. Тибқи муқарраротИ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», нигоҳдории роҳ, фаъолият гуногунҷанба буда, маҷмӯи корҳои пешгирикунанда оид ба нигоҳубини роҳ, иншооти роҳдорӣ ва қисмати ҷудошуда, унсурҳои бехдошти роҳ, ташкили бехатарии ҳаракат дар роҳ, инчунин бартараф кардани тағйирёбии чузъӣ ва нуқсонҳои қисмҳои таркибии роҳ ва иншооти он дар давоми сол (вобаста ба мавсим) амалишаванда мебошад, ки дар ин замина роҳ аз вайроншавӣ эмин нигоҳ дошта мешавад.

Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулоса омад, ки механизми инноватсиониро аз рӯйи низоми толлингӣ дар хизматрасонӣ ва идоракунии роҳи Душанбе-Чанок мавриди амал қарор диҳад ва тибқи шартномаи консессионӣ нигоҳдории шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе-Чанок ба зиммаи филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шуд. Зарурати амалӣ намудани иқдоми мазкур, пеш аз ҳама, ба хотири нигоҳ доштани вазъи роҳ ва роҳ надодан ба вайроншавии он аст, зеро баробари харҷи маблағи зиёд барои бунёди роҳ, ҳамзамон барои нигоҳ доштани он низ маблағи зиёд лозим аст.

Рӯз то рӯз вусъату тавсеа ёфтани корҳои марбут ба таъмири куллӣ ва ҷорӣ дар масири Душанбе - Чанок шаҳодати он аст, ки рисолати хешро бо эҳсоси масъулият ва дар сатҳи хубу бо сифати баланд иҷро карда истодаанд.

Суратгузориши мазкур далели ин гуфта аст.

# БЛОГЕРОН 4 МЛН СОМОНӢ АНДОЗ СУПУРДААНД

**Тибқи иттилои Кумитаи андоз соли равон даромади блогерон коҳиш ёфтааст, аммо маблағи андози пардохткардаи онҳо афзудааст. Ҳамзамон, мақомоти андоз мегӯянд, ки теъдоди воқеии блогерони фаъол дар кишвар аз шумораи расман сабтиномшуда бештар аст.**



То 1-уми июли соли 2026 дар мақомоти андози Тоҷикистон 130 блогер ба қайд гирифта шудаанд. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 21 нафар бештар аст. Дар шаш моҳи соли 2025 шумораи блогерони сабтиномшуда 109 нафарро ташкил медод.

Ба иттилои Кумитаи андоз, дар шаш моҳи соли равон даромади умумии блогерони расман сабтиномшуда 3,9 млн сомонӣ будааст. Ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,1 млн сомонӣ камтар мебошад. Бо вуҷуди коҳиши даромад, онҳо ба буҷет 383,3 ҳазор сомонӣ андоз пардохт кардаанд, ки нисбат ба нимсолаи аввали соли гузашта 82 ҳазор сомонӣ бештар аст.

Мақомоти андоз афзоиши фаъолияти соҳибкориро дар интернет ба рушди технологияҳои иттилоотӣ рабт медиҳанд. Имрӯз шаҳрвандон аз шабакаҳои иҷтимоӣ на танҳо барои блогнависӣ, балки барои фурӯши молу маҳсулот ва пешниҳоди хизматрасониҳо низ истифода мекунанд.

Дар ҳамин ҳол, мақомоти андози вилояти Суғд дар шаш моҳи соли 2026 17 блогерро барои фаъолияти соҳибкорӣ бидуни сабти давлатӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашиданд. Ҳаҷми умумии ҷаримаҳо 96,7 ҳазор сомониро ташкил додааст.

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Нақшаи қабули донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар соли таҳсили 2026-2027 ба 97,3 фоиз расид. Дар ин бора ректори донишгоҳ Шероз Муминзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**



Ӯ гуфт, ки ҳоло дар донишгоҳ зиёда аз 8200 нафар донишҷӯ, аз ҷумла 1825 нафар аз рӯйи ихтисосҳои самти омӯзгорӣ таҳсил менамоянд. “Бо мақсади густариши ин самт аз соли таҳсили нав факултети «Филологӣ-педагогӣ» таъсис дода шуд”,- таъкид дошт номбурда. Қайд гардид, ки робитаҳои байналмилалии донишгоҳ низ густариш ёфта, теъдоди созишномаҳои ҳамкорӣ бо муассисаҳои дохилию хориҷӣ ба 158 адад расидааст.

**Дар Донишгоҳи давлатии Данғара айни ҳол 225 донишҷӯйи хориҷӣ, ки бештарашон аз давлати ҳамсояи Ӯзбекистон ҳастанд, таҳсил доранд. Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ ректори донишгоҳ Шукрулло Хайрзода хабар дод.**



Ба гуфтаи ректор, соли равон донишгоҳ бо 6 муассисаи олӣ ва ташкилоти хориҷи кишвар, аз ҷумла Донишгоҳи омӯзгории Шэняни Чин, Донишгоҳи Бинҳайи Синдаои Чин, Маркази ҳамкориҳои таҳсилоти олии Созмони ҳамкориҳои Шанхай, Фонди байналмилалии омӯзиши забони чинӣ, Маркази байналмилалии ҳамкории забони чинӣ шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидааст.

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб дар раддабандии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойи панҷум, дар бахши муассисаҳои тақриздиҳанда ба рисолаҳои илмӣ сазовори ҷойи ҳафтум гардидааст.**



Дар ин бора дар нишасти матбуотӣ ректори донишгоҳ профессор **Сафарзода Мунир Ватан** хабар дод. Ҳоло бошад, корҳои ободонию созандагӣ ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон идома доранд. Аллакай 58 синфхона, лабораторияҳои таҷрибавӣ, 7 озмоишгоҳ дарсхона таъмиру таҷдид гардидаанд. Бунёди бинои даҳошёнаи хобгоҳ барои омӯзгорону донишҷӯён идома дорад. Ба 26 адад муассисаҳои таълимии шаҳр донишгоҳ ба таври ройгон 647 мизу курсӣ, 79 адад курсии мулоим, 13 адад ҷевон, 6 тахтаи синфӣ тақдим намудааст.

# ДАР ТОБИСТОН ЧӢ ҚАДАР ОБ БОЯД НӮШИД?

**Бо фаро расидани фасли тобистон ва баланд шудани ҳарорати ҳаво талаботи организм ба об бештар мешавад. Агар дар рӯзҳои муқаррарӣ баъзе одамон ба миқдори камтари моеъ қонеъ шаванд, дар ҳавои гарм аз ҳисоби араққунӣ бадан об ва намакҳои минералии зиёдеро аз даст медиҳад. Аз ин рӯ, табибон таъкид мекунанд, ки риояи реҷаи дурусти нӯшидани об яке аз шартҳои асосии нигоҳ доштани саломатӣ дар фасли гармо ба шумор меравад.**



Мутахассисони соҳаи тиб мегӯянд, ки барои ҳамаи одамон як меъёри ягонаи нӯшидани об вуҷуд надорад. Талаботи организм ба моеъ аз вазни бадан, синну сол, фаъолияти ҷисмонӣ, шароити иқлим, тарзи зиндагӣ ва ҳатто вазъи саломатии шахс вобаста аст. Бо вуҷуди ин, духтурони терапевт ва диетологҳо тавсия медиҳанд, ки дар рӯзҳои гарм барои ҳар 30 килограмм вазни бадан на камтар аз як литр об истеъмол карда шавад. Яъне, агар вазни шахс 60 килограмм бошад, ӯ бояд дар як шабонарӯз ҳадди ақал ду литр об бинӯшад. Барои шахси 90-килограмма бошад, ин миқдор на камтар аз се литрро ташкил медиҳад.

Ба гуфтаи табибон, дар гармӣ организм тавассути araқ миқдори зиёди моеъро аз даст медиҳад. Агар ин талафот сари вақт ҷуброн карда нашавад, фаъолияти бисёр узвҳои ҳаётан муҳим халалдор мегардад. Пеш аз ҳама, хун ғафстар мешавад, ки ин метавонад хатари пайдоиши бемориҳои дилу рагҳо, баланд шудани фишори хун ва ташаккули лахташавии хунро зиёд намояд. Илова бар ин, норасоии об боиси хастагӣ, сустшавии қобилияти фикронӣ, дарди сар, хушкшавии пӯст ва кам шудани неруи ҷисмонӣ мегардад.

Мутахассисон барои рафъи ташнагӣ пеш аз ҳама нӯшидани оби одиро тавсия медиҳанд. Оби маъданӣ низ, агар аз рӯйи меъёр истифода шавад, метавонад барои пур кардани намакҳои минералии аздастрафта муфид бошад. Ҳамчунин, оби лимӯ ва чойҳои гиёҳӣ аз беҳтарин нӯшокиҳо дар рӯзҳои гарм маҳсуб мешаванд. Онҳо на танҳо ташнагиро мешикананд, балки ба организм ҳисси тароват мебахшанд.

Дар айни замон, духтурон таъкид мекунанд, ки чойи сиёҳ ва чойи кабуд наметавонанд талафоти моеъи организмро пурра ҷуброн кунанд. Аз ин рӯ, онҳо набояд ҷойгузини оби одӣ гарданд. Ҳатто агар шахс чанд пиёла чой нӯшида бошад ҳам, бояд ба қадри кофӣ оби тоза истеъмол кунад.

Нӯшокиҳои газноки ширин ва ҳамаи намудҳои шарбатҳо, хоҳ тару тоза ва хоҳ бастабандишуда, барои истеъмол дар ҳавои гарм тавсия дода намешаванд. Сабаб дар он аст, ки аксари онҳо миқдори зиёди шакар доранд. Шакар ташнагиро бештар мекунад ва метавонад мубодилаи моддаҳоро халалдор созад. Истеъмоли аз ҳад зиёди чунин нӯшокиҳо инчунин хатари зиёд шудани вазни бадан ва баланд шудани сатҳи қанди хунро афзоиш медиҳад.

Табибон ҳамчунин маслиҳат медиҳанд, ки обро якбора не, балки дар давоми рӯз ва ҷуръа-ҷуръа нӯшидан беҳтар аст. Ин тарзи истеъмол имкон медиҳад, ки об беҳтар ҷаббида шуда, ба кори дилу гурдаҳо бори изофӣ наорад.

Дар баробари ин, барои одамоне, ки гирифтори бемориҳои дил, гурда, ҷигар ё дигар бемориҳои музмин мебошанд, меъёри истеъмоли об метавонад аз тавсияи умумӣ фарқ кунад. Аз ин рӯ, чунин шахсон бояд ҳатман бо духтури худ машварат намуда, реҷаи мувофиқи нӯшидани обро муайян созанд.

Дар фасли тобистон об беҳтарин воситаи нигоҳ доштани саломатӣ мебошад. Риояи реҷаи дурусти нӯшидани моеъ метавонад организмро аз беобшавӣ муҳофизат карда, фаъолияти муътадили дил, рагҳои хунгард ва дигар узвҳоро таъмин намояд.

## Толеънома



**Ҳамал**
*21.03 - 20.04*

Бо вуҷуди он ки тоқати риоя кардани қоида ва маҳдудиятҳоро надоред, дар ин ҳафта маҷбур мешавед гузашт кунеду ба нуқтаи назари дигарон гӯш андозед. Дар касбу кор комёбӣ насибатон мегардад.



**Савр**
*21.04 - 21.05*

Дар ин рӯзҳо чизе наметавонад хотиратонро мағшуш намояд. Қобилияти пешгӯӣ кардани ҳодисаву рӯйдодҳоро пайдо намуда, душманонатонро дар ҳоли ногувор мегузоред. Хайру саховат ва рӯҳан нафареро дастгирӣ карданатон хуб аст, вале андозаро нигоҳ доред.



**Ҷавзо**
*22.05 - 21.06*

Аксарият бар он андешаанд, ки шумо дар зиндагӣ хеле ноуҳдабаро ҳастед, вале дар ҳамин ҳафта мушкилиҳоро ба хубӣ рафъ намуда, ғалат будани ин ақидаро собит месозед. Бо вуҷуди ба қувваи худ дилпур будан, аз кумаки нафаре рӯ нагардонед.



**Саратон**
*22.06 - 23.07*

Мушкилиҳои хурде, ки имрӯз ба саратон меоянд, табъатонро хеле хира месозанд. Аз нобарориҳои худ ғамгин нагардед, вагарна коратонро душвортар месозед. Бо вуҷуди душвор будани вазъият бо сари баланд аз пайиислоҳи камбудиҳоятон шавед.



**Асад**
*23.07 - 22.08*

Дар ин ҳафта қобилияти пешгӯӣ кардани ҳодисаҳоро пайдо мекунеду дар баробари ин хеле ҳасосу зуд ранҷ мегардед. Атрофиён рафтору кирдори шуморо нодуруст қабул мекунанд. Дар муносибатҳои ошиқона ба саросемагӣ роҳ надиҳед.



**Сунбула**
*23.08 - 22.09*

Аввали ҳафта дар оилаатон воқеаҳои хотирмони хуше рух медиҳанд. Бо наздикон сари як дастурхон гирд омаданатон хеле хуб мешавад. Дар ҷойи кор аз пештара зиёдтар заҳмат мекашед. Дӯстдоштаатон бо туҳфаи хотирмон хотиратонро болида мегардонад.



**Мизон**
*25.09 - 22.10*

Нимаи аввали ҳафта бароятон номусоид меояд. Рӯзи душанбе ба коре даст назанед, сари қарори муҳиме наоед. Вазъиятро назорат карданатон душвор мегардад ва ҳодисаҳои рухдода табъатонро сахт хира мегардонад.



**Ақраб**
*23.10 - 22.11*

Ташвишу тараддуд шуморо хаста намуда, ба дилатон мезанад. Аз ин лиҳоз, қисми аввали ҳафта тамоми робитаҳои худро қатъ намоед. Кору ақидаи наверо ба анҷом расонида наметавонед, зеро рӯҳафтодагиву яъсу ноумедӣ гӯшанишинатон месозад.



**Қавс**
*25.11 - 21.12*

Аввали ҳафта мушкиле пешт роҳатон пайдо мешавад, ки дар рафъ карданаш душворӣ мекашед. Чунин вазъият боиси сар задани мунокиша бо наздиконатон мегардад. Миёнаи ҳафта кӯшиши тамоми кору мушкили худро яку якбора рафъ карданро мекунед.



**Ҷаддӣ**
*22.12 - 20.11*

Дар ин ҳафта бо шахси дӯстдошта ё ҳамсари худ забон ёфтанатон душвор мегардад. Тамоми баҳсу нофаҳмие, ки байнатон вуҷуд дошт, дар ҳамин ҳафта рӯйи об мебарояд. Мунокишае, ки нимаи аввали ҳафта рух медиҳад, боиси ногап шуданатон мегардад.



**Далв**
*21.01 - 19.02*

Ин ҳафта худро комилан солим эҳсос намуда, бо қувваи дучанд ба кор мечаспед, аммо як хатои хурдакак шуморо дар назди роҳбарият шармсор месозад. Худро гунаҳкор ҳис намуда, ақибшинӣ накунед, баръакс барои рафъи камбудиҳо камари ҳиммат бандед.



**Ҳут**
*20.02 - 20.03*

Дар ин ҳафта шуморо лозим аст, ки роҳҳои ҳамдигарфаҳмиро бо ҳамсафари ҳаётии худ пайдо намоед. Агар шумо оиладор бошед, мушкилоти нобасомони худро дар нимаи аввали ҳафта амалӣ намоед. Ба дастгириву кумаки дӯстон умед баста метавонед.

## МАВЛУДНОМА

### 6 АВГУСТ

**Нуриддини Амриддин** (1956-2020), 70-солагии зодрӯзи шоир.

**Раҳим Аюб** (1951), 75-солагии зодрӯзи шоир.

**Дамир Дӯстмуҳаммадов** (1941-2003), 85-солагии зодрӯзи оҳангсоз, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

### 7 АВГУСТ

**Шавкат Абдусаломов** (1936), 90-солагии зодрӯзи рассом ва актёри кино.

**Тошбой Муҳаббатов** (1956), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Сабоҳат Шарифова** (1911-1967), 115-солагии зодрӯзи журналист, яке аз поягузорони матбуоти тоҷик.

### 8 АВГУСТ

**Мамет Абесаломов** (1911-1993), 115-солагии зодрӯзи рассом.

**Пётр Ким** (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Ҳамид Обидӣ** (1911-1948), 115-солагии зодрӯзи нависанда.

**Акрам Ризоев** (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника, профессор.

**Василий Покотило** (1901), 180-солагии зодрӯзи шарқшиноси рус, муҳаққиқи ҳаёти сиёсию иҷтимоии Бухорои Шарқӣ.

**Сафаралӣ Абдуллоев** (1961-2021), 65-солагии зодрӯзи собиқадори соҳаи ҳифзи ҳуқуқ, полковники амният.

### 9 АВГУСТ

**Бозоралӣ Азизов** (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино.

**Валентин Зуев** (1931), 95-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, геолог.

### 10 АВГУСТ

**Саттор Ғаффоров** (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Қурбоналӣ Салимов** (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Саидҷон Уроқӣ** (1951), 75-солагии зодрӯзи шоир.

### 11АВГУСТ

**Абдуғаффори Абдуҷаббор** (1956), 70-солагии зодрӯзи нависанда, мутарҷим.

**Гулмуҳаммад Аннақулов** (1901-1978), 125-солагии зодрӯзи арбоби ҳоҷагӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

### 12 АВГУСТ

**Ирина Попова** (1951), 75-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Фирӯза Каримова** (1966), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Юнусалӣ Сиддиқов** (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

**ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:**
**(+992) 93 111 08 87**

## НИЁЗ ДОРЕМ

Тарабхона фавран ба администратор, ресепшионист, сарошпаз, баньщик ниёз дорад. Тел.: 93-505-08-12, 917-653-653

Фавран ба бонувони махсгари дорои сертификат ниёз дорем. Тел.: 17-699-99-87

## КОР МЕҶӮЯМ

Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

Рӯбучин ва хизматгори хона барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

Рӯбучини подъездҳо дар биноҳои навсохт. Тел.: 931-47-17-13

Рӯбучин, зарфшӯӣ дар тӯю маъракаҳо. Тел.: 905-33-22-29

## ТАЪМИРИ ТЕХНИКАИ МАИШӢ

Таъмири яхдон бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

## ГУНОГУН

Газовик. Тел.: 988-61-10-57

## МЕХАРАМ

Молу либосҳои истифодашуда, зарфҳо, гарнитурҳои хобро мехарам. Тел.: 908-06-60-00

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолин, кондиционерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, мошинаҳои дарздузӣ, қолинҳо, кондиционерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, қолин, фляг, асбобу анҷоми шуравӣ, танга ва ғайра мехарам. Тел.: 903-00-91-40, 985-49-40-29, 919-77-47-43

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои дарздӯзӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти давраи шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳан, коғаз мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1465338, ба номи Маматкулова Нилуфар Бахтиёровна, ки санаи 10.07.2026 аз ҷониби МТМУ №21-и ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи ҶДММ "Тоҷик Синамо", №0309103, РЯМ: 0110024860, РМА: 010100917, 25.06.2024, ки аз Нозироти андоз дар н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 9, Т-АТА №0682921, ба номи Амрихудоева Сабрина Давлатшоевна, ки соли 2018 аз ҷониби МТМУ №104-и н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи шаҳрвандӣ, A4773214, ба номи Бердиев Анвар Ахрорович, ки санаи 25.10.2007 аз ҷониби ШКД н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1361190, ба номи Шобутолибова Рухмина Маликовна, ки соли 2025 аз ҷониби МТМУ №8-и н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Муҳри ҶДММ "Вусъат", РМА: 040054871, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Орифов Фируз Ҳисайнович, №0471634, РЯМ: 0331449580, РМА: 245172592, санаи судур 10.02.2022, ки аз Нозироти андоз дар н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 9, Т-ШТА №0757060, ба номи Бобоева Замира, ки соли 2013 аз ҷониби МТМУ №54-и н. Варзоб дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Диплом и №0178239, ба номи Буриев Муродали Баходурович, ки санаи 01.07.2023 аз ҷониби Литсейи касби техникии нақлиёти автомобилии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти фехрасти 1Ш-1154, ки аз санаи 19.06.2017 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба номи Обидов Обидҷон Саидикромович бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳаи Навбаҳор 2, хонаи 1А, квартираи 23 дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №7271, ба номи Хайридинов Мирзомиддин, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, кӯчаи Саҳбо 603, аз соли 2015, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**ФАВРАН! ҶЕВОНҲО, МИЗУ КУРСИҲО, ГАРНИТУРИ ХОБ ВА ОШХОНА, ЯХДОН, КОНДИТСИОНЕРҲО.**
**ТЕЛ. 909-99-17-40, 985-15-31-19, 985-71-28-99, 008-33-32-94**

**ФАВРАН! ҶЕВОНИ ЛИБОС, МИЗУ КУРСИҲО, ГАРНИТУРИ ХОБ ВА ОШХОНА, ЯХДОН, КОНДИТСИОНЕРҲО.**
**ТЕЛ. 909-99-17-40, 985-15-31-19, 985-71-28-99, 008-33-32-94**

Шартномаи хариду фурӯши квартира тахти фехрасти 1Ш-2367, ки аз 15.11.2017 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ ба номи Сафархуҷаи Маъруф бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳаи Навбаҳор 2, хонаи 1Б, квартираи 12 дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Қурбонҷонзода Саидҷон, РЯМ: 0930189985, РМА: 047482720, ки аз 17.04.2024 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор дода шудааст, бо сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0453112, ба номи Боев Мирзомиддин Асомидинович, ки соли 2011 аз ҷониби МТМУ №73-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Мирзокаримов Баходур Балажонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, 1 гузаргоҳи кӯчаи Р. Набиев, хонаи 24, ҳ. 30, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ "Маркази Пойафзол", №0269775, РЯМ: 0410044278, РМА: 040066957, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## ЭЪЛОН

Сафорати шоҳигарии Арабистони Саудӣ мошинҳои зеринро ба фурӯш мемонад: Toyota Corolla 2017 с., BMW 7 Series 740, 2011 с., ранг сиёҳ, бе гумрук. Барои дарёфти маълумоти пурра ба рақамҳои 988-03-34-56, 918-95-46-64 занг занед.

PRESSA .TJ
БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

КУШТИ

# НИШОНИ НУҚРАИ ПАҲЛАВОНИ ҶАВОНИ ТОҶИК АЗ U17 WORLD CHAMPIONSHIPS-2026

**Варзишгари ҷавони тоҷик Маҳдӣ Баротов (-60 кг) дар куштии юнону румӣ дар мусобиқаи U17 World Championships-2026 дар шаҳри Бокуи Озарбойҷон ба гирифтани нишони нуқра шарафёб шуд.**




U17 World Championships-2026 аз 27-уми июл то 2-юми август дар шаҳри Бокуи Озарбойҷон баргузор шуд, ки дар он Умар Мухторов (55 кг), Маҳдӣ Баротов (60 кг), Бахтовар Примкулов (65 кг), Маҳдӣ Азизбоев (71 кг) ва Ғаниҷони Шероз (80 кг) Тоҷикистонро намояндагӣ карданд. Маҳдӣ Баротов ягона нафаре буд, ки ба марҳилаҳои ниҳоии мусобиқа расид ва соҳиби нишон шуд. Дар роҳ ба нишони нуқра Маҳдӣ дар марҳилаи ҳаштякниҳой Муҳаммад Амр Халал Тоҳо Аҳмад аз Мисрро бо ҳисоби 14:5 шикаст дод. Дар даври чаҳорякниҳоӣ Маҳдӣ бо ҳисоби 4:0 Садриддин Тулкинбоев аз Ӯзбекистонро мағлуб кард ва дар даври нимниҳоӣ бо ҳисоби 2:1 Александру Илие Лунгу аз Руминиро шикаст дод. Дар набарди ниҳоии мусобиқа Маҳдӣ бо Саид Амирризо Таҳмоспур аз Эрон мубориза бурд ва бо ҳисоби 8:6 мағлуб шуд. Ин аввалин нишон барои Тоҷикистон аз Чемпионати куштии ҷаҳон миёни паҳлавонони то 17-сола дар шаҳри Бокуи Озарбойҷон ба ҳисоб меравад.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

# ПИРӮЗИИ «РЕГАР-ТАДАЗ» БАР «ИСТИҚЛОЛ» ВА ЯКУМ ШУДАНИ «ҲОСИЛОТ»

**Пас аз таътили тобистона Лигаи олии футболи Тоҷикистон бо бозиҳои даври 13-ум ба идомаи мавсим баргашт. Дастаҳо имкон доштанд, ки пурра омода шаванд, дар давраи гузариши тобистона ҳайати бозигаронро нав кунанд, мураббиёнро иваз намоянд ва мухлисон бори аввал хеле аз бозигарони навро дар бозиҳои расмӣ диданд.**


ҶАДВАЛИ ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН
паз аз даври 13

| | Даста | Б | Т/Т | И |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳосилот AFC | 13 | 28:13 | 27 |
| 2 | Регар-ТадАЗ | 12 | 16:7 | 27 |
| 3 | Истиқлол | 12 | 14:4 | 25 |
| 4 | КМВА | 12 | 15:13 | 20 |
| 5 | Равшан | 13 | 17:14 | 18 |
| 6 | Баркчӣ | 13 | 16:20 | 17 |
| 7 | Вахш | 13 | 19:18 | 17 |
| 8 | Хуҷанд | 13 | 12:11 | 17 |
| 9 | Эсхата | 13 | 16:27 | 14 |
| 10 | Парвоз | 13 | 12:21 | 12 |
| 11 | Сардор | 13 | 17:23 | 9 |
| 12 | Истаравшан | 12 | 11:22 | 5 |

Даври аввал пас аз дубора оғоз шудани мавсим пурра ба интизориҳо ҷавобгӯ буд. Акнун мубориза барои нишонҳо боз ҳам пешгӯинашавандатар мешавад.

Бозии марказии давр дар Турсунзода буд, ки дар он «Регар-ТадАЗ» чемпиони феълии кишвар «Истиқлол»-ро мағлуб кард. Голи ягонаро дар дақиқаи 27-ум Мболло Мануэл Ҷозеф зад, ки дар бозии расмии аввалини худ ба дастаи наваш се имтиёз овард. Ин пирӯзӣ метавонад дар тамоми мусобиқаи қаҳрамонӣ як пирӯзии калидӣ бошад. «Регар» аз рӯйи холҳо бо «Ҳосилот» баробар шуд ва ҳамзамон бартарии худро аз «Истиқлол» афзоиш дод.

«Ҳосилот» низ боварибахш ба назар мерасид. Дастаи Фарҳор «Истаравшан»-ро бо ҳисоби 5:2 шикаст дод. Дебюти Шериддин Бобоев барои мизбонон махсусан писандида буд. Бо ин пирӯзӣ «Ҳосилот аз рӯйи таносуби голҳо аз «Регар-ТадАЗ» пеш гузашт.

Яке аз номҳои машҳуртарини мавсим ҳамлагари нигериягӣ Эммануэл Гаруба буд, ки «Хуҷанд» ӯро тариқи иҷора аз клуби сербиягии ФАП ба даст овард. Ҳамлагари ҷавон дар бозии дебютии худ дастаи навашро ноумед накард. Голи ӯ панҷ дақиқа пеш аз садои ҳуштаки ниҳоӣ ба «Хуҷанд» имкон дод, ки аз шикасти хонагӣ аз КМВА раҳо ёбад.

Яке аз ғайричашмдоштҳои давр пирӯзии «Сардор» дар сафар бо ҳисоби 4:2 бар "Парвоз" буд. Даста, ки дар қисми зиёди нимаи аввал дар байни аутсайдерҳо буд, пас аз тақвияти тобистона хеле боэътимодтар ба назар мерасад. Муҳаммад Назриев, ки аз "Истиқлол" ба иҷора гирифта шудааст, махсусан таъсирбахш буд ва дар аввалин бозии расмии худ барои клуби нави худ ду гол зад.

Бозии дастаи шаҳри Бохтар низ натиҷаи пурсамар ба бор овард. «Вахш» «Эсхата»-ро бо ҳисоби 4:2 мағлуб кард. Ин пирӯзӣ барои даста аз нигоҳи равонӣ махсусан муҳим буд.

«Равшан», ки дар тобистон тақвияти назаррас гирифт, нимаи дуюмро бо мусовӣ дар сафар бо «Баркчӣ» (1:1) оғоз кард. Аз даст додани имтиёзҳо барои кӯлобиҳо албатта нохушоянд аст, аммо маълум, ки навбозигарон акнун ба услуби бозии худ мутобиқ мешаванд. Бозии навбатӣ бо «Истиқлол» инро маълум хоҳад кард.

ТАЛАФОТ

# ДАРГУЗАШТИ СИТОРАИ ФУТБОЛИ ТОҶИК ВАЛЕРИЙ ТУРСУНОВ

**Яке аз машҳуртарин футболбозон дар таърихи Тоҷикистон, ҳамлагари дастаи “Помири Душанбе” Валерий Турсунов дар синни 71-солагӣ дар Маскав аз олам даргузашт. Дар ин бора Федератсияи футболи Тоҷикистон (ФФТ) рӯзи 2-юми август эълон кард. Сабаби марги Турсунов эълон нашудааст.**




Турсунов, ки бо лақаби “Пелеи тоҷикӣ” маъруф аст, тамоми фаъолияти худро дар Чемпионати Шуравӣ бо дастаи “Помир” (1974-1988) гузаронида, 542 бозӣ анҷом дода, 173 гол задааст. Баъдтар ӯ дар клубҳои Австрия - “Австрия Вена” ва “Клопейнерзее” бозӣ кардааст.

Валерий Турсунов аз соли 1996 то 2013, бо танаффусҳо, ҳамчун ноиби президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон кор карда, дар рушди футболи ватанӣ нақши муҳим бозидааст.

“Валерий Юлдошевич дар рушди футболи тоҷик саҳми назаррас гузоштааст ва аз ҷониби мухлисон, ҳамкорон ва донишҷӯён абадӣ дар ёд хоҳад монд. Федератсияи футболи Тоҷикистон ба оила ва дӯстони марҳум изҳори тасаллияти самимӣ мекунад»,- гуфта мешавад дар изҳороти ФФТ.

РЕЗААХБОР



Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар мусобиқаи каратэи WKF, ки дар Қазоқистон баргузор шуд, ширкат кард ва се нишон ба даст овард. Муҳаммад Мирзозода (55 кг) ва Алишер Султонов (60 кг) нишонҳои тило ва Маҳсутулло Муминов (55 кг) нишони нуқраро соҳиб шуданд. Дар мусобиқа варзишгарон аз Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ширкат карданд.

***

Лигаи мубориза АСА гузаронидани мусобиқаеро дар Душанбе эълон кард. Мусобиқа моҳи октябр ба нақша гирифта шудааст, ки санаи дақиқ баъдтар эълон карда мешавад. АСА пас аз танаффуси 11-сола ба Тоҷикистон бармегардад. Раҳбари АСА Магомед Бибулатов эълон кард, ки пас аз музокирот бо мақомоти варзишии Тоҷикистон, лоиҳа ба марҳилаи татбиқ ворид шудааст.

***

Конфедератсияи футболи Осиё мусобиқаи AFC Futsal Club Championship 2027-ро ба тақвими расмии худ ворид кард. Ин рақобати муҳими бошгоҳии кораи Осиё аз 6 то 11-уми декабри соли 2027 баргузор хоҳад шуд. Тибқи низомномаи тасдиқшуда, мусобиқа дар ду марҳила - даври гурӯҳӣ ва бозиҳои плей-офф доир мегардад.

***

Аз 5 то 8-уми август дар Хуҷанд мусобиқаи байналмилалии чемпионати озоди вилояти Суғд дар намуди бокс барои ба даст овардани Ҷоми раиси вилоят баргузор мешавад. Дар мусобиқа варзишгарон аз Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Миср ширкат хоҳанд кард. Тоҷикистонро 15 муштзан намояндагӣ мекунанд.

***

Мавсими панҷум ниммарафони кӯҳии Seven Lakes дар Тоҷикистон дар Ҳафткӯли Панҷакент баргузор шуд. Дар он беш аз 200 нафар аз 20 кишвари дунё ширкат карданд, ки дар байни онҳо ҳам варзишгарони касбӣ ва ҳам дӯстдорони варзиш буданд. Ниммарафон дар масофаҳои 3, 10 ва 21 километр баргузор шуд. Дар дави асосӣ дар масофаи 21 км Сиёвуш Баёнзода аз Тоҷикистон якум шуд.



## КАЛОНИ ХОНА

Мундонӣ болои кат кақпахлу зада, машғули хондани хафтаномаи "Тоҷикистон" буд, ки очаи бачаҳо эътирозкунон гуфт:

- Коратон фақат кақпахлузаниву газитхонӣ. О хезеду ягон кори фоиданокро ичро кунед, намешавад?

Мундонӣ чашм аз рӯзнома наканда, бепарвоёна посух дод:

- То рӯзи панҷшанбе сабр кун, ана баъд мебинӣ, ки ман чӣ кор мекунам.
- Чаро имрӯз неву маҳз рӯзи панҷшанбе?,- бо киноя суол кард ӯ.

Мундонӣ толеъномаро кушода, табассумкунон афзуд:

- Тибқи пешгӯии толеънома, рӯзи панҷшанбе ман дар оила нақши роҳбариро ба ухда мегирам ва қарорҳои хеле муҳим қабул мекунам.
- Эхе, дар 35 соли зиндагии якҷоя на роҳбаретона дидаму на як қарори муҳиматонро, акнун дар як рӯз мебинам? Хестед, ки хобед,- таъна зад занак.

## ФАРҚИ ДУ ДУЗД

Баъд аз татбиқи қонуни афв Мундонӣ бо ду нафар рӯ ба рӯ шуд, ки аз зиндон озод шудаанд.

Аз эшон пурсид:

- Шумо бо чӣ ҷурме нишаста будед?

Якумӣ гуфт:

- Ман як гов туздидам ва 4 сол ҳукм гирифтам. 3 сол адои ҷазо кардаму бо татбиқи қонуни афв як сол пештар озод шудам.
- Ман барои аз худ кардани буҷети давлат боздошт шудам, 6 моҳ тафтишот идома ёфт, бо пардохти ҷарима озод шудам,- афзуд дувумӣ.
- Чӣ дарсе гирифтед?,- ба ҳар ду суол кард Мундонӣ.

Говдузд гуфт:

- Беҳтар аст аз буҷаи давлат туздӣ кунӣ, ки бо ҷарима озод мешавӣ. Зеро туздии амволи шаҳрвандон ҷазои сангин дорад, ки ҳатто баъди ҷуброни зарар озод намекунанд...

## САРГАРДОН

Ба Мундонӣ дӯсташ нафареро шинос карда, тавсия дод: "Ин кас солҳо дар "Тоҷикфилм" кор кардаанд, нақшҳои зиёде бозӣ карда, ҳудашон низ филмҳои зиёде бардоштаанд...".

- Яъне, шумо коргардон?,- пурсид Мундонӣ вақти дастфишорӣ.
- Қаблан коргардон будам, ҳоло саргардонам,- посух дод ӯ.

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**

## ДУЗАНА

Соҳибчамоле ба ҷавони дӯстдошташ мегӯяд:

- Барои тасаллои дил, ақаллан боре ба ман "Азизакам" гуфта, меҳрубонӣ кун.

Ҷавон бо ғурур ҳавобаландона мегӯяд:

- Эх, ҳа-а-а! Ман то ба ҳол боре ҳамсари худро "Азизакам" нагуфтаам...
- Эҳ, ҳа-а-а! Чӣ, ту зан дорӣ?,- мегӯяду бо мушти обдоре бар сари ҷавон мезанад.

Ҷавон мегӯяд:

- Азизакам, ту аз зани дуюмам ҳам боқувваттар будай...

## УСТУХОН

Писарбачаи 7-сола ба модараш мегӯяд:

- Оча, медонед барои чӣ сагҳо моро мелесанд?

Модар бо ҳайрат:

- Барои чӣ мелесанд, бачаҷон?

Писарбача мегӯяд:

- Барои он ки дар даруни мо устухон бисёр аст.

## ГЕЛОС

Ба марде ҳукми қатл медиҳанд ва қабл аз иҷрои ҳукм мепурсанд:

- Охирин хоҳиши худро гап занед.

Мард мегӯяд:

- Гелос мехоҳам.

Корманди суд мегӯяд:

- Охир, алҳол моҳи январ аст.

Мард мегӯяд:

- Ман интизор мешавам.

## ТАВАККАЛ

Муаллим ба донишҷӯе, ки ба ягон савол ҷавоб дода наметавонад, мегӯяд:

- Гӯш кун, се маротиба аст, ки туро аз санҷиш мегардонам. Барои чӣ намеомӯзӣ? Аз савод омӯхтан то ҳол касе намурдааст!
- Ман медонам, муаллим, аммо таваккал кардан чӣ лозим?

## ФАРОМӮШХОТИРӢ

Писар аз модараш мепурсад:

- Оча, барои чӣ занҳо ба шавҳар мебароянд?

Модар мегӯяд:

- Аз беақлӣ.

Писар боз мепурсад:

- Чаро аз шавҳар ҷудо мешаванд?

Модар:

- Аз бесабрӣ.

Писар боз мепурсад:

- Чаро боз дубора ба шавҳар мебароянд?
- Аз фаромӯшхотирӣ.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

